Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

21 маи соли 2003. Чоршанбе № 36 (12879)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.55 имзо гардид.

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Дар бораи додани унвони фахрии «Ӯзбекистон ифтихори» ба Б.Абдураҳимов

Барои меҳнати бисёрсолаи босамарааш ва хизматҳояш дар кори рушди варзиши миллӣ, баланд бардоштани шаъну шарафи футболи ӯзбек, тарбияи ҷавонони қобилиятнок ва ба муносибати шастсолагии зодрӯзаш ба Абдураҳимов Бародар унвони фахрии «Ӯзбекистон ифтихори» дода шавад.

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.КАРИМОВ.

Шаҳри Тошканд, 16 маи соли 2003.

Ситораи футболи ӯзбек

Вақте ки сухан дар бораи Бародар Ҳасанович Абдураҳимов меравад, пеш аз ҳама ба назар ташаккул ёфтани тими футболбозони «Пахтакор» ва тими яккачини Ӯзбекистон оид ба футбол ҷилвагар мегардад, ки дар ин бобат саҳми Бародар Ҳасанович Абдураҳимовро махсусан қайд кардан лозим меояд. Агар ҳамчиҳатии ӯро бо футболбозони машҳур Стадник, Красниский пеши назар оварем, дар он сурат чӣ тавр моҳирона ишғол гардидани дарвозаи ҳарифон, ба дарвоза даровардани тӯбҳои аз яқдигар зебо ҷилвагар шудан мегиранд. Тими «Пахтакор» ҳамон солҳо чӣ қадар тимҳои машҳури саросари собиқ Иттиҳод ва ҷаҳонро мағлуб сохт, бо бозии зебои ба ҳуд хос аз дили мухлисони футбол сахт маъво пайдо кард, тасаввур кардан душвор аст. Охир, ҳамон солҳо Варзишгоҳи марказии «Пахтакор» аз мухлисон лаболаб мегардид ва харид кардани чипта ба осонӣ муяссар намегардид. Аксар мухлисон барои тамошои ҳунарнамоии нотакрори ситораҳои футболи ӯзбек, аз он ҷумла Бародар Ҳасанович Абдураҳимов меомаданд.

Бародар Абдураҳимов барои рушди варзиши миллӣ, баланд бардоштани шаъну шӯҳрати футболи ӯзбек саҳми ниҳоят калон гузоштааст. Ҳарчанд истеъдоди баланди он дар солҳои ҳукмронии салтанати собиқ Шӯроҳо намоён гардида, диққату эътибори бисёр тимҳоро ба ҳуд ҷалб сохта бошад ҳам, аммо он муносиб арзёбӣ нагардид. Ҳатто Бародар Ҳасановичро бо баҳонаи «хизмати ҳарбӣ» ба тими Клуби Марказии афсарони собиқ ИҶШС даъват намуда, муддати тӯлонӣ дар захира нигоҳ доштанд ва бо ҳамин бори дигар намоиш доданд, ки мутасаддиёни соҳа барои рушду камолӣ ин қабил ситораҳои футбол аз тимҳои миллӣ монеъ гардидааанд. Сиёсат ҳамин буд ва он пеш аз ҳама ба маҳв сохтани соҳибистеъдодҳо аз байни миллатҳои дигар нигаронда шуда буд.

Вале ин сиёсат иродаи Абдураҳимовро шикаста натавонист ва ӯ ҳунарнамоии ҳудро давом дода, ба он муваффақ гардид, ки узви клуби тӯбзанони собиқ ИҶШС ба номи Григорий Федотов гардад. Мутасаддиён ҳисоб карда баромадааанд, ки Бародар Ҳасанович дар давоми тамоми давраи футболбозии ҳуд дар клубҳои мухталиф ба дарвозаи ҳариф беш аз 400 тӯб даровардааст.

Хизматҳои Бародар Абдураҳимов дар тарбияи футболбозони ҷавони мамлакат низ калон аст ва онро борҳо эътироф намуданд. Як ҳуди далели ба рушди футболи ӯзбек саҳми арзанда гузоштани фарзандони ӯро қайд кунем, кофист. Дар айни замон тими футболбозони ӯзбек таҳти сарпарастии ӯ унвони қаҳрамони бозиҳои Осиёро ҳам ба даст оварданаш, аз ҳамин гувоҳӣ меҳад. Абдураҳимов яке аз мураббиёни номдори соҳаи футболи ҷумҳурият ҳам ба ҳисоб меравад.

Меҳнати Бародар Ҳасанович Абдураҳимов дар солҳои ҳукмронии салтанати собиқ шӯравӣ муносиб қадр нагардид. Ба ғайр аз унвони устоди варзиш, ки ба аксар футболбозони тимҳои лигаи олии мамлакат дода мешуд, ӯ дигар мукофотро ба даст наовард. Танҳо баъди рух додани Офтоби истиқлолият ин меҳнат қадри муносиби ҳудро ёфт. Сараввал Абдураҳимов бо медали «Шӯҳрат» тақдир гардид. Унвони Мураббии шоистаи Ҷумҳурияти Ӯзбекистонро ба даст овард. Клубе созмон ёфт, ки номи ӯро дорад. Ба ин клуб номи футболбозоне шомил гардонда мешавад, ки дар бозиҳои чемпионату мусобиқаҳо барои ҷоми булӯрини мамлакат беш аз сад тӯбро ба дарвозаи ҳариф даровардааанд. Ба микдори чунин футболбозон-узви клуби мазкур ҳар сол пайваста зиёд мегардад.

Бо унвони фахрии «Ӯзбекистон ифтихори» тақдир гардидани хизматҳои калони Бародар Ҳасанович Абдураҳимов ҳам аз диққату эътибори калони роҳбарияти ҷумҳурият нисбати хизматҳои калони ӯ дар бобати рушди варзиши миллӣ, баланд бардоштани шаъну шараф ва обрӯву эътибори футболи ӯзбек, тарбияи ҷавонони қобилиятнок гувоҳӣ медиҳад.

Ва ана ҳамин футболбози афсонавӣ, ситораи футболи ӯзбек шастсолагии зодрӯзи ҳудро қайд намуд. Рӯзи якшанбеи гузашта варзишгоҳи марказии «Пахтакор» лаболаб аз мухлисону дӯстдороні футбол, дӯстону ҳаммаслакону мутахассисони футбол, шогирдони ӯ буданд. Аз мамолики Иттиҳоди давлатҳои муштаракманофеъ як қатор футболбозону мутахассисони номдор ташриф оварданд. Намоиши театрикунондашуда ба ҳукми иштирокдорон пешкаш карда шуда, баъд воҳӯрии собиқадорони футбол ба амал омад. Яъне ба майдон тимҳои футболбози собиқадори ҷаҳон ва Ӯзбекистон баромаданду бо чусту чолокӣ, бозии хуби ҳуд ба мухлисон олам-олам хурсандӣ ҳадя намуданд ва бори дигар он чизро намоиш доданд, ки футбол бозии миллионҳост. Тадбир бахшида ба шастсолагии зодрӯзи собиқадори футболи ӯзбек, мураббии шоистаи Ӯзбекистон Бародар Абдураҳимов як умр дар хотири иштирокдорон ва мухлисони сершумор боқӣ хоҳад монд. Нотиқон пеш аз ҳама бо ситораи футболи ӯзбек тани сиҳҳат, умри дароз ва комёбиҳоро дар фаъолияти мураббигияш таманно карданд.

Маблағи аз тадбири мазкур ба каф омада барои рушди футболи ӯзбек сарф мегардад.

Т.ЭҲСОН.

Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 19 май дар қароргоҳи Оқсарой ҷонишини вазири умури хориҷаи Итолиё Маргарита Пониверро пазируфт.

— Мо рушди муносибатҳоро бо Итолиё воло арзёбӣ мекунем,—гуфт Ислом Каримов дар рафти вохӯрӣ.— Мо хуб дар хотир дорем, ки ба мо Итолиё дар марҳалаи оғозии ба даст омадани истиқлолиятамон чӣ қадар диққату эътибор зоҳир намуд. Он чиз хеле муҳим аст, ки мамлакатҳои мо дар бисёр масъалаҳо якдиланд.

Саввари мамлакатамон бо мамнуният қайд намуд, ки соли 1996 дар Флоренсия Созишнома байни Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Урупо дар бораи шарикӣ ва ҳамкорӣ ба имзо расонда шуд. Ба туфайли ана ҳамин ҳуччат давраи гардишӣ дар муносибатҳои Ӯзбекистон бо ташкилоти мазкур ба амал омада, ба ҳамкории доманадор пойдевори мустаҳкам гузошта шуд.

Ӯзбекистон ва Итолиё ҳамкории байниҳамдигариро ҳаматарафа инкишоф медиҳанд. Мамлакати мо номзадҳоеро, ки Итолиё ба як қатор ташкилотҳои байналхалқӣ пешниҳод кардаааст, ҷонибдорӣ мекунад. Дар навбати ҳуд намояндагони Итолиё дар ҳамаи анҷуманҳои минтақавӣ ва байналхалқие иштирок мекунанд, ки бо ташаббуси Ӯзбекистон барпо мегарданд.

Дар соҳаи иқтисодиёт мувофиқи Созишнома дар бораи шарикӣ ва ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Урупо режими ниҳоят мусоид оид ба бочҳои гумрукӣ ва дигар маблағҳо фароҳам оварда шудааст. Гурӯҳи махсуси корӣ оид ба расондани кӯмак ба рушди ҳамкории тичоративу иқтисодӣ ва дигар соҳаҳо равобит дар соҳаи саноат ва технологияҳо созмон дода шудааст.

Дар рафти вохӯрӣ оиди рушди равобити дуҷониба ва дигар масъалаҳое муболиаи афкор ба амал омад, ки ҷонибҳо ба он майлу шавқ доштанд.

(ӮзА).

Намояндагони парлумони Урупо дар Ӯзбекистон

Намояндагони ҳайати вакилони Парлумони Урупо оид ба равобит бо давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Муғулистон бо Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Эркин Халилов вохӯрданд.

Ҳангоми сӯҳбат зикр ёфт, ки ҳамкорӣ байни Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Урупо дар бобати инкишоф додани қонунбарорӣ ва равобити байнипарлумонӣ нақши муҳим мебозад. Ҷонибҳо тасдиқ намуданд, ки Ӯзбекистон ва ИУ дар бобати рушди демократияи парлумонӣ, такмил додани ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва амалӣ гардондани ислоҳот дар дигар соҳаҳо ҳамкории зичро ба роҳ мондаанд.

Дар рафти гуфтушунидҳо муболиаи афкор оид ба масъалаҳое ба амал омад, ки лозим меояд маҷлиси чоруми Комитаи ҳамкории парлумонии «Ӯзбекистон-ИУ» муҳокима намояд. Гузарондани он 21 май дар Самарқанд ба нақша гирифта шудааст.

Маҷлиси аввали комитаи мазкур моҳи июни соли 2000 дар Брюссел ба амал омада буд.

Дар маҷлиси Комитаи ҳамкории парлумонии «Ӯзбекистон-ИУ» масъалаҳои умдаи рушди ҳамаҷонибаи муносибатҳо байни Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Урупо мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Намояндагони парлумони Урупо дар як қатор вилоятҳо шуда, бевосита бо корҳое шинос мешаванд, ки дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, рушди соҳибкории хурду миёна ба иҷро расидааанд.

Аъзоёни Парлумони Урупо дар Прокуратураи Генералии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон шуда, бо намояндагони ташкилотҳои ғайрихукуматие вохӯрданд, ки дар мамлакатамон фаъолият пеш мебаранд.

Бобур СОБИРОВ,
мухбири ӮзА.

Маҷлиси комиссия

Миқдори боришгарихое, ки моҳи декабри соли 2002 ба амал омаданд, аз меъёри солона зиёд буд. Аз рӯи маълумоти раёсати «Саридораи обуҳавосанҷӣ» фаслҳои бахору тобистон дар бисёр дарёҳо ва соҳаҳо селҳо ва тармакӯҷӣ ба амал омаданаш мумкин аст. Дар ин бора гуфтугузор дар маҷлиси Комиссияи ҳукуматӣ оид ба таъмини амнияти ҳини обҳезиҳо ва сар задани селҳо, пешгирӣ кардани ҳодисаҳои тармакӯҷӣ ба амал омад.

Чуноне ки дар маҷлис, ки таҳти сарпарастии Мушовири Давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.Ҷӯрабеков гузашт, зикр ёфт, барои иҷрои вазифаҳое, ки дар қарори Девони Вазирон аз 7 марти соли 2003 «Дар бораи тадбирҳои очиҷии пешгирӣ кардан ва барҳам задани оқибатҳое, ки бо обпахшкунӣ, сел, зуҳуроти тармакӯҷӣ алоқаманд ҳастанд», комиссияҳои идоравие, ки аз намояндагони Вазорати вазъияти фавқулодда, Вазорати умури дохила, Комитаи давлатии геология ва раёсати «Саридораи обуҳавосанҷӣ» ибораанд, корҳои зиёде ба иҷро расонда шуданд.

Дар тамоми обектҳо ва иншоотҳои обёрикунӣ корҳои зарурии ҳифозавӣ ба иҷро расида, тадбирҳои пешгирии садамаву корҳои азнавбарқарорқунӣ андешида шудаанд. Дар даврае, ки омадани сел ва обпахшкуниро мунтазир шудан мумкин аст, навбатдории тамоми шабонарӯзӣ ба роҳ монда, ҳамчунин назорати доимӣ аз болои корҳои обектҳои ҳоҷагиҳои об ва барқӣ сурат мегиранд. Ба мақсади пешгирӣ кардани селҳо ва обпахшкуниҳо маҷроҳои дарёҳо, соҳаҳо ва каналҳое, ки ҳудуди вилоятҳоро убур мекунанд, тоза карда шуда, корҳо дар бобати мустаҳкам кардани соҳилҳо ба иҷро расиданд.

Дар маҷлис сабабҳои дар ин соҳа рух додани камбудиҳо ҳаматарафа таҳлили ҳудро ёфтанд. Иттилооти сарвароні масъули ташкилотҳо ва муассисаҳо шунида шуданд. Диққату эътибор ба зарурати сари вақт ба иҷро расондани вазифаҳое нигаронда шуд, ки дар қарори ҳукуматӣ пешбинӣ гардидааанд. Ҳамчунин зарурати дар фурсати кӯтоҳ барҳам задани муаммоҳову камбудиҳои мавҷуда зикр ёфт.

Дар маҷлис ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Н.Юсуфов иштирок намуд.

Беҳзод НОРБОЕВ,
мухбири ӮзА.

Қарор ва иҷро

Оё техника ба мавсим омода аст?

Соли ҷорӣ дар мамлакатамон дар майдони 1 миллиону 400 ҳазор гектар ғалладона рӯёнда мешавад. Ҳарчанд нашъунамои ғаллазор нисбати ҳамин давраи соли гузашта 2-10 рӯз қафо мондаасту он пеш аз ҳама бо боронгариҳои пайдарҳами баҳорӣ ва паст омадани ҳарорат алоқаманд мебошад, кулли шароит барои ба даст омадани ҳосили пешбинигардида фароҳам оварда шудааст. Корҳо оид ба озуқонидану об мондани гандумзор ба анҷом мерасанд. То ҳоли ҳозир 250 ҳазор гектар аз гербисид баҳра бардоштааст. Бо дигар нуриҳои маъданӣ озуқонидани ғаллазор дар қисми зиёди майдонҳо анҷоми ҳудро меёбанд. Алҳол дар 90 фоизи ғаллазор хӯшаҳои гандум пайдо шудаанд. Ин чунин маънӣ дорад, ки баъди 15-20 рӯз сарақҳои пурбор ҳосил мегарданд. Ва аз ин рӯ вазифа пеш гузошта мешавад, ки ана ҳамин ҳосил бе талаф ва дар фурсати кӯтоҳ ҷамъ оварда шавад.

Дар қарори ба қариби қабулкардаи Девони Вазирон «Дар бораи тадбирҳои ташкилии гузарондани ҷамъоварии ҳосили ғалладонаи соли 2003» роҳҳои муташаккилона гузарондани корҳо дар самтҳои мухталиф нишон дода шудааанд. Дар қарор зикр ёфтааст, ба зиммаи вазорату муассисаҳои дахлдор вазифаҳои мушаххас оид ба ҷамъ оварданд, расонда додани ғалла ба пунктҳои қабул ва нигоҳ доштани ҳосили рӯёнда гузошта шудааанд. Нишон дода шудааст, ки барои иҷрои корҳо дар ин самт шахсан Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва сароварони Вазорати кишоварзиву хоҷагии об, Ассотсиатсияи «Ӯзагромашсервис», иттиҳодияҳои ҳудудӣ ва саройҳои мошину тракторҳои онҳо ҷавобгар мебошанд.

Дар бобати беталаф ҷамъ оварданӣ ҳосили ғалладона сари вақт ба мавсим ҳушсифат тахт кардани техникаи ҳосилғундор ҳам аҳамияти калон дорад. Барои ба рӯи об бароварданӣ корҳо техникаи баландмаҳсулро, аз қабили комбайнҳои« Кейс», «Клаас» ва «Ню-холланд» мувофиқи мақсад истифода бурдан ба пешравии кор мадад мерасонад. Дар қарор зикр ёфтааст, ки то 25 маи соли кунун мебояд тамоми мошину механизмҳое тахт карда шаванд, ки дар ҷамъовариву кашондани ғалладона иштирок мекунанд.

—Дар мавсими кунӣ ҳам вазифаи асосии ҷамъоварии ғалла аз майдонҳо ба зиммаи саройҳои мошину тракторҳое, ки ба таркиби ассотсиатсияи мо шомиланд, гузошта шудаанд,—гуфт зимни сӯҳбат бо мухбири ӮзА Олим Норбеков ҷонишини раиси Ассотсиатсияи «Ӯзагромашсервис» Саидаҳмад Султонов.—Зеро миқдори зиёди техникае, ки ба соҳаи кишоварзии мамлакатамон хизмат мерасонанд, маҳз дар ҳамин саройҳо ҷамъ оварда шудааанд. То ҳоли ҳозир дар ҳисоби ассотсиатсияи мо 4 ҳазору 711 комбайни ғалладараву ғаллакӯбӣ ҳаст. 1 ҳазору 628 адади онҳо аз хориҷ оварда шудааанд.

Масъулияти калонро дарк карда, мо техникаи мавҷударо баъди ҷамъоварии ҳосили соли гузашта ба мавсими кунун тахт кардан шурӯъ намудем. Дар вақти сипаришуда барои тамоми техникаи ҳосилғундор 195,9 миллион сӯм сарф намудем. Ба хушсифат ба иҷро расондани корҳои тармимиву васлгарӣ диққату эътиборро пурзӯр гардондем. Ба мавсим омода гардидани ҳар як техника аз ҷониби комиссияи махсус санҷида мешавад. То ҳоли ҳозир беш аз 90 фоизи техникаи мавҷуда ба мавсим тахт гардидааст. Ва боқимондаашон то мӯҳлате тахт мегарданд, ки дар қарори болоии Девони Вазирон зикр ёфтааст.

Меҳнаткашони иттиҳодияи ҳоҷагиҳои фермерии «Ӯзбекистон»-и ноҳияи Оққӯрғон ҳар сол аз ғаллаву пахта ҳосили фаровон мебардоранд. Дар ихтиёри онҳо 52 гектар замин буда, барои афзун гардидани маҳсулдеҳии ҳар як гектари он пайваста мекӯшанд. Аз ин рӯ даромад сол то сол зиёд мегардад.

Дар сурат: *сарвари иттиҳодияи ҳоҷагиҳои фермерии «Ӯзбекистон»* ***Абӯбакир Умаров*** *ҳини сӯҳбат бо яке аз аъзои иттиҳодия.*

Аксбардор:
Ҳусанбой АВВАЛОВ.

«Баҳори Бойсун» — оинаи маънавиёт

Ҷашнвораи байналхалқии кушоди анъанавии эҷодиёти даҳонакии халқӣ «Бойсун баҳори», ки дар бадали се рӯз доир гардид, анҷом ёфт.

Ҷашнвора дар ноҳияи Бойсун ба амал омад, ки онро ЮНЕСКО ҳамчун «Дурдонаи мероси даҳонакии халқ ва ғайримоддии инсоният» эътироф намудааст. Дар он олимон-фолклоршиносон, этнографҳо, арбобони фарҳанг, дастаҳои фолклорӣ, бахшиён, раққосон, ичрогарони лапарҳо, устоёни ҳунармандии миллии халқӣ, зардӯзони либосҳое иштирок намуданд, ки аз ҷӯшаву ҳанори мамлакатамон ва ҳариф дах давлати хориҷӣ омадааанд.

Дар амфитеатри хиёбони этно-фолклории «Бойсунтоғ», ки бо сафедорҳо ихота гардида, даҳҳо ҳуртаҳо «ҚАД» кашидааанд, ин иди калони санъат ба амал омад.

Дар бадали се рӯз ҷамоаҳои дастаҳои эҷодкорони халқии Бойсун ва аз дигар минтақаҳои мамлакатамон шаҳомати нотакрори эҷодиёти даҳонакии халқро, ки дар ҳуд анъанот ва арзишҳои милliро таҷассум гардондааанд пайваста эҳё ёфта, диққату эътибори ҷомеаи ҷаҳониро ба туфайли истиқлолият ҷалб месозанд, намоиш доданд.

Пеш аз оғози ҷашнвора дар Театри драмаи мусиқӣ ва мазҳакаи ба номи Маннон Уйғури вилояти Сурхондарё дар доираи ҷашнвораи «Бойсун баҳори» азназаргузаронӣ-ҷашнвораи байналхалқии анъанавии шоирон-бахшиён ва оқинҳо аз ҷамоҳири Осиёи Марказӣ ба амал омад. Дар он ҳариф 50 шоир-бахшӣ ва оқин иштироқ намуд.

Ҳунарнамоии бахшиёни мардумии Ӯзбекистон Шобердӣ Болтаев, Шодмон Ҳучамбердиев, Бобораҳим Маматмуродов, аз Сурхондарё, Нурбек Абдуллоев, Етмишбой Абдуллоев, аз Хоразм, Қаҳҳор Раҳимов, аз Қашқадарё, Чумъабек Сувонов, аз Тошканд, ҳалфаҳои хоразмӣ Ёкутҷон Нуриддинов ва Интизор Юсупов, Жиров аз Қароқалпоқистон Бахберген Сиримбетов, оқин аз Чиззах Бейсенбой Ӯрузбоев аз тарафи тамошогарон гарму чӯшон пешвоз гирифта шуданд.

Ҳунарнамоии дастаи ҳунарии фолклориву этнографии мардумии «Бойсун», дастаи ҳунарии фолклориву этнографии бачагонаи «Қуралай», дастаи ҳунарии фолклории «Гулгунча»-и мактаби мусиқии Бойсун, дастаҳои ҳунарии фолклориву этнографии мардумии «Зевари», аз Сариосиё ва «Булбулигӯё», аз ноҳияи Шӯрчиро тамошогарон бо чапакзаниҳои бардавом пешвоз гирифтанд.

Сурудҳо ва лапарҳое, ки аз ҷониби дастаҳои ҳунарии фолклориву этнографии мардумӣ, аз қабили «Баёзи кӯҳистон», аз Ҷумҳурияти ҳамсояи Тоҷикистон, «Аму тӯлқини», аз Қароқалпоқистон, «Мардона», аз Бухоро иҷро гардиданд, ягон касро бефарқ нагузошт. Махсусан тамошогаронро раққосҳое, ки К.Даниэлла, аз Швейсария иҷро намуд, ба тасҳир овард. Зеро вай дар тӯли бисёр солҳо сирру асрори санъати раққосии ӯзбекиву тоҷикиро меомӯзад.

Дар доираи ҷашнвора ҳамчунин азназаргузаронии дизайни либосҳое ба амал омад, ки дар он ҳафт намудаш пешкаши тамошогарон гардид, ки дар тӯли бисёр қарнҳо онҳоро бойсуниён чун гавҳараки чашм эҳтиёт мекунанд. Махсусан либосҳо, ба монанди «Ҳазору як шаб», «Тобишҳои Наврӯз», «Лолаи Бойсун», «Ашкони Шаҳризода» ҳамагонро ба тасҳир овард. Намоишгоҳи маҳсулоти ҳунармандии халқӣ низ диққату эътибори бисёр тамошогаронро ба ҳуд ҷалб сохт.

Меҳмononи хориҷӣ ва иштирокдорони ҷашнвора аз табиати нотакрори Бойсун бахра бардошта, чинори таъриҳии чандинасринаи Сайроб, манзараи дилфиреби деҳаи кӯҳии Тӯдаро муоина карда, аз оби шифобахши ососишгоҳи Амонҳон бахра бардошта, дар якчанд ноҳия шуда, бо тарзи ҳаёт ва меҳнати бунёдкоронаи халқи воҳаи Сурхон аз наздик ошно гардиданд.

Ҷашнвора намоиш дод, ки эҷодиёти даҳонакии халқ оинаи ба ҳуд хоси маънавиёт буда, мувофиқи табиати ҳуд бо ҳаёти халқ ҳамоҳанг асту ба тамоми халқҳои ҷаҳон хеле фаҳмосту як хел азиз мебошад.

Чорӣ ТӮХТАЕВ,
мухбири ӮзА.

Бахшида ба мавсими оғози истироҳат

Дар Маҷмӯи солимгардонии «Чорбоғ» нишасти матбуотӣ бахшида ба мавсими кушоиши истироҳат ва рушди соҳибкории сайёҳии кӯҳӣ ба амал омад. Ҳини воҳӯрӣ, ки созмондиҳандагони он сардирексияи маҷмӯъҳои солимгардонии «Чимён-Чорбоғ-Белдерсой» ва ҳокимияти шаҳри Тошканд буданд, гуфтугузор оид ба вазъи кунунӣ ва пешомадҳои рушди минтақаи сайёҳиву истироҳатӣ, инкишофи соҳибкории сайёҳии ватанӣ, ҳамчунин он тағйиротҳое ба амал омад, ки дар бадали ду соли охир дар ин ҷо рух додааанд.

Ғ.БЕКНАЗАРОВ.

Гиромидошт

Рӯзи ҷаҳонии Ҳаким Фирдавсӣ

Рӯзи 15 май ҳар сол дар микёси ҷаҳонӣ ҷашни рӯзи Ҳаким Фирдавсӣ тасвиб гардидааст. Бо ташаббуси раҳбари воҳидомӯзиши Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад дар Тошканд доктор Муҳаммад Тақавӣ дар толори он ҷо алоқамандони ашъори Фирдавсӣ, устодон, пажӯҳишгарон, адибону донишҷӯён ҷамъ омаданд. Намояндаи Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон Самад Бахромӣ ҷашнвораро ифтитоҳ намуда, Ҳозиронро табрик намуд ва риштаи суханро ба Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон оғои Нароқиён дод. Профессорон Х. Ҳомидӣ, Н. Комилов аз ҷониби Ӯзбекистон пиромуни эҷодиёт, асари ӯ «Шоҳнома» ва тарҷумаҳои «Шоҳнома» ба забони ӯзбекӣ сухан гуфтанд. Аз ҷониби Ҷумҳурии Исломии Эрон доктор Родмард пиромуни таҳлили «Шоҳнома» мақолаи ҳудро қироат кард. Чаҳор тан аз донишҷӯёни донишгоҳ аз ашъори Ҳаким Фирдавсӣ қироат карданд.

Холназар ЎРОЛЗОДА.

Рушди иттиҳодияҳои вомҳоҳон

Иттиҳодияҳои вомҳоҳон дар Ӯзбекистон падидаи нав аст. Аз ин боис дар бобати фаъолияти онҳо хабардор шудани на танҳо кормандони соҳа, балки ҷамъият низ аз фоида ҳолӣ нест.

Алҳол дар вилоятҳои Бухоро, Самарқанд, Чиззах, Намангон иттиҳодияҳои вомӣ фаъолият доранд ва онҳо барои густариш додани кори ҳуд нашрияеро бо номи «Кредитлар бозори» ба роҳ гузоштааанд, ки ин соҳаи нави фаъолияти молиро тарҳеҳ ва ташвиқ менамояд.

Дар сӯҳбати «мизи мудаввare», ки дар Маркази миллии матбуот ба амал омад, аз хусуси вижагиҳои рушди иттиҳодияҳои вомҳоҳон ва таъсиси созмонҳои вомии қобили фаъолияти ғайрибанкӣ баҳс ба миён омад. Дар ин сӯҳбат намояндагони ин иттиҳодияҳо аз таҷрибаи ҳамдигар воқиф гардиданд. Назорати татбиқи ин падидаи нав бар ӯҳдаи Бонки марказии Ҷумҳурӣ мебошад.

Ногуфта намонад, ки Шӯрои иттиҳодияҳои вомҳоҳони умумичаҳонӣ низ ҳамеша ин фаъолияти тозаэҷоди молиро зери назари ҳуд қарор додааст.

Т.МИРҲАЁЕВ.

Ба пешвози 70-солагии Нукус

Ифодагари таърихи зинда

Осорхонаҳо сарвати бои маънавии ҳар як халқ ба ҳисоб мераванд. Дар айни замон нигораҳои онҳоро дурдонаҳои аз ҳама гаронбаҳо номбар мекунанд, ки бесабаб нест. Зеро онҳо аз як авлод ба авлоди дигар вогузошта, маълумоти ниҳоят муҳимро дар хусуси таърих ва фарҳанги кишвар, марҳалаву одамон, воқеаҳо ва зуҳуротҳо дар бар гирифта, бе обу ранг рафта мерасанду аз ин рӯ аҳамияти тарбиявии онҳо низ ниҳоят калон аст.

Осорхонаи кишваршиносии мо ҳам яке аз ин гуна муассисаи номдор ба ҳисоб меравад, ки нигораҳои нодиреро ҷамъ овардааст, ки дар бораи таърихи қадима, фарҳанг, урфу одат, арзишҳои халқҳои ҳавзаи Арал нақл мекунад. Ҳамчунин нигораҳои нодире маҳфузанд, ки дар ҳуд табиати ба ҳуд хос ва сарватҳои бои минтақаро таҷассум гардондааанд. Минҷумла, дар хусуси таърихи шаҳри Нукус, сарватҳои бои маънавии сокинони он нигораҳои сершумор нақл мекунанд.

Осорхонаи мо соҳиби залҳои гуногун буда, аз хусуси табиат, ҳафриёт, этнография ва таърихи халқҳои ҳавзаи Арал беш аз 56 ҳазор нигораи пурарзиш нақл намуда, онҳоро ҳар сол ба ҳисоби миёна панҷоҳ ҳазор нафар тамошогар муоина мекунад. Дар байни онҳо меҳмononи сершумори хориҷӣ ҳам ҳастанд, ки албатта, моро шоду хурсанд мегардонад.

Осорхонаамон дар кори тарғибу таблиғи таъриху фарҳанги халқамон дар саросари ҷаҳон ҳам саҳми арзандаи ҳудро мегузорад. Мо на танҳо тамошогарони хориҷиро ба осорхонаамон ҷалб мекунем, балки дар айни замон ба берун аз ҳудуди ҷумҳурият барои намоиш суратҳо ва сурат слайдҳои нигораҳоро ирсол ҳам мекунем ва он боиси майлу шавқи калони хориҷиён нисбати муассисаи мо мегардад. Масалан, соли гузашта дар Исроил чунин тадбирро ҷомаи амал пӯшондему оқибат миқдори шавқмандон дар ин мамлакат нисбати нигораҳои осорхонаамон афзуд. Дар дигар давлату мамлакатҳо ҳам чунин тадбирро ҷомаи амал пӯшонданием.

Ҷамоаи осорхонаамон ба ҷашни 70-солагии Нукус ҳам тайёрии пухта дида, тӯҳфаи муносиби ҳудро ҳозир мекунад ва бовар дорем, ки дар рӯзҳои ҷашнгирии шаҳри ҷоночонамон иштирокдорон ва меҳмononи тантанаҳо бо нигораҳои муассисаи мо ҳам ошно гардида, бо як олам таассурот бармегарданд.

Светлана НУРАБДУЛЛОЕВА,
директори осорхонаи кишваршиносии Қароқалпоқистон, Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон.

Шарҳи рӯзнома

Мақсад – татбиқи усулиятҳои идораи корпоративӣ

Андешидани тадбирҳо оид ба минбаъда аз тасарруфи давлат баровардан ва бо саҳм фаро гирондану кам кардани ҳиссаи давлат дар маблағҳои оинномавии корхонаҳо, вусъат додани саҳми сектори хусусӣ собитқадамона давом дорад. Миқдори корхонаҳои аз тасарруфи давлат баровардаю хусусигардондашуда хеле зиёд гардида, асосии амволдории онҳоро молу мулки хусусӣ ташкил медиҳанд. Дар айни замон миқдори одамоне, ки ба саҳмияҳои корхонаҳои мухталиф диққату эътибор дода, онро пайваста харид мекунанд, низ зиёд мегарданд. Ин аст, ки дар ҷумҳурият иқтисодиёти серҷанба фаъолона ба вуҷуд оварда мешавад. Дар бобати суст кардани дахолати давлат ба фаъолияти озоди иқтисодии корхонаҳо ҳам диққату эътибор пурзӯр гардида, ба дахолати беасосии мақомоти назоратқунанда ба кору фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ хотима дода мешавад. Инфрасохтори иқтисоди бозаргонӣ ҳам рушди пайвастаи ҳудро пайдо мекунад. Бисёр корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва тадбиргарии хусусӣ ба шароит ва талаби иқтисоди бозаргонӣ хосу мос мегарданд.

Вале дар ин бобат ҳанӯз муаммоҳо вуҷуд доранд. Ба пешравии сектори хусусӣ як қатор душвориҳои сунӣ монеа мегарданд. Аз ин рӯ, ба мақсади рағбатноксозии рушди босуръатонаи сектори хусусӣ, куллан баланд бардоштани нақш ва аҳамияти он дар иқтисодиёти мамлакат, қатъан тағйир додани низоми корпоративи идораи корхонаҳои хусусигардондашуда Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 24 январи соли 2003 «Дар бораи тадбирҳо оид ба куллан вусъат додани ҳисса ва аҳамияти сектори хусусӣ дар иқтисодиёти Ӯзбекистон эълон гардида, дар он васеъ инкишоф додани тадбиргарии хусусӣ, ба вуҷуд овардани корхонаҳое, ки асосашонро амволи хусусӣ ташкил медиҳанд, аз он ҷумла, дар натичаи хусусигардонии амволи давлатӣ ташкил мегарданд ва дар ҳамин асос хеле зиёд кардани ҳиссаи сектори хусусӣ дар сохтори иқтисодиёт самти муҳими устувор дар мамлакатамон оид ба рӯи об баровардани ислоҳот ва дигаргуниҳои иқтисоди бозаргонӣ ҳисобида шудааст.

Дар Фармон бо сатри алоҳида Девони Вазирон вазифадор карда шуда буд, ки аз рӯи ичрои ҳуҷҷати мазкур қарор қабул карда, барои доманадор кардани сектори хусусӣ диққату эътибори калонро нигаронад. Ва ҳукумати ҷумҳурият бо назардошти ин нуқта қарорро «Дар бораи тадбирҳо оид ба такмил додани идораи корпоративии корхонаҳои хусусигардондашуда» аз санаи 19 апрели соли кунун қабул намуд, ки пеш аз ҳама ба хотири ичрои Фармони болоии Президент ва минбаъда татбиқ кардани усулиятҳои идораи корпоративӣ дар корхонаҳои хусусигардондашуда нигаронда шудааст. Ва он бесабаб нест. Гап дар сари он аст, ки дар қисми зиёди корхонаҳои хусусигардондашуда дар ин ё он ҳаҷм як қисми амволе нигоҳ дошта шудааст, ки ҳиссаи давлатро ташкил медиҳад. Аз рӯи ин ҳиссаҳо намояндагони боэътимоду азнавваколатдоргардидаи давлатӣ таъин гардидааанд, ки ба таркиби маъмурияти ҷамъиятҳои саҳҳомӣ дохил гаштаанд ва овози онҳо ҳангоми қабули қарор ҳалкунанда аст. Ва ин амволдорон асосан маъмурияти корпоратсияҳо, ширкатҳо ва корпоратсияҳо мебошанду дар асл барои пешрафти фаъолияти корхонаҳое халал мерасонанд, ки хусусӣ гардонда шудааанду вале ба таркибашон шомиланду ҳисобот медиҳанд. Яъне онҳо бо ҳар гуна баҳонаву сабаб ба фаъолияти очилии корхонаҳои зертобеашон дахолат мекунанду оқибат он натичаи матлуб намебахшад. Кенгашҳои назоратӣ, маҷлиси умумии саҳҳомон бисёр вақт ба фаъолияти маъмурияти корхонаҳо, алалхусус директорони ичрогари он бевосита дахолат карда наметавонанд. Чунки онҳо дар ҳамин корхона дар вазифаи мухталиф кор карда, ба вай тобеанду амалан ба мукобили директори ичроия мукобил баромада наметавонанд. Дар аксари ин корхонаҳои хусусигардондашуда директори ичрогар хӯҷаини яккаву ягона мебошад.

Аз ин рӯ вазифаи кам кардани ҳиссаи давлат дар амволи ин корхонаҳои хусусигардондашуда, барҳам задани дахолати ғайриқонунии корпоратсияҳо, ассотсиатсияҳо, ширкатҳо ба фаъолияти корхонаҳои зертобеи худ ва пурзӯр кардани нақши саҳҳомон дар идораи корхонаҳои хусусигардондашуда пеш гузошта шуда, бо назардошти ана ҳамин қарори Девони Вазирон қабул гардидааст.

Агар қарорро бодиққат мутолиа намоед, пеш аз ҳама пай мебаред, ки ба пурзӯр кардани фаъолияти Кенгаши назорати баланд бардоштани масъулияти шахсони боэътимоди давлатӣ, идоракунандагони ширкатҳо, таҳия намудани шартномаи меҳнатии намунавӣ дар бораи ба таври кироя кор кардани сарвароні макомоти ичроияи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ диққату эътибори махсус дода шуда, дар ин бобат қабул гардидани низомҳои махсус ба алоҳидагӣ зикр ёфтаст.

Дар қарор ба вазорату идораҳои дахлдор супурда шудааст, ки ҳуҷҷатҳои таъсисии корхонаҳои хусусигардондашударо то 1 июли соли кунун ба матлабҳои Фармони Президент аз 24 январи соли кунун пурра мувофиқ гардонанд. Дар тӯли солҳои 2003-2004 дар асоси озмунӣ силсилаи саҳмҳои давлатӣ барои идораи боэътимоди идоракунандаи касбии ширкатҳо вогузошта мешаванд. То 1 июли соли кунун мебояд шартномаҳо бо идоракунандагони давлатӣ оиди ҷӣ тавр ихтиёрдорӣ кардани активҳои давлатии ҷамъиятҳои саҳҳомии ба имзорасанда агар зарурат пайдо шавад, мӯҳлати эътибори ин шартномаҳо дароз карда шаванд.

Дар қарор бо сатри алоҳида зикр гардидааст, ки ба муштаракан пеш бурдани фаъолияти узви комиссияҳои тафтишотӣ дар пойгоҳи кироя дар ҳамин корхона роҳ гузошта намешавад. Яъне узви комиссияи тафтишот бояд дар ҳамин корхона доимӣ кор кунад. Ва он пеш аз ҳама пеши роҳи қонуншиканиро мебандад ва масъулияти узви комиссияҳоро оид ба натичаҳои ниҳоии кор хеле баланд мебардорад. Тартиби додани ҳаҚ барои хизмат оиди идоракунии активҳои давлатӣ таҳия карда мешавад. Марҳала ба марҳала фурӯхтани саҳмҳо ва активҳои давлатӣ дар бозорҳои биржавӣ ва ғайрибиржавӣ пешбинӣ гардидааанд. Баробари ин аз 1 феврали соли кунун қоидаи ҳаҷми ҳадди ақалли сарвати бунёди оинномавии ҷамъиятҳои саҳҳомии тарзи кушод ба мубодили 50 ҳазор доллари амрикоӣ аз рӯи курби Бонки Марказии ҷумҳурият расондан ва то 1 январи соли оянда ба рӯи об баровардани вазифаи мазкур ҳам аҳамияти калон доранд, ки онҳоро аз ҳар гуна бӯҳрону нобасомониҳо начот бахшида, фаъолияташонро доманадор месозад.

Мувофиқи қарори мазкур низоми идораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва корхонаҳои хусусӣ хеле содда гардонда мешавад. Дар ин бобат нақши ҳалкунанда ба маҷлиси умумии саҳҳомон дода мешавад, ки бешак барои баланд бардоштани масъулияти ҳар як саҳҳом аҳамияти муҳим касб мекунад. Агар корхонаҳои саҳҳомӣ маблағи оинномавии ҳудро то як январи соли кунун ба 50 ҳазор доллари амрикоии мубодили сӯм аз рӯи курби Бонки Марказӣ расонда натавонанд, дар он сурат мебояд дигар шакли ташкиливу ҳуқуқиро пеш гирифта, аз нав созмон дода шаванд.

Алқисса, қарори мазкур дар бобати доманадор шудани усулиятҳои идораи корпоративии корхонаҳои хусусигардондашуда нақши калон бозида, ба вусъат ёфтани ҳиссаи сектори хусусӣ дар истехсоли маҳсулоти умумии дохила такони нав ҳоҳад бахшид.

Т.НОДИР.

Аввалин маҳсулоти «Олоттекс»

Ба қарибӣ дар ноҳияи дурдасти вилояти Бухоро—Олот корхонаи муштараки ӯзбекистониву швейтсарии «Олоттекс» ба кор шурӯъ намуд. Дар ин бобат саҳми Бонки саҳҳомиву тичоратии Асакабанк калон аст, ки ба корхонаи мазкур 4,5 миллион доллари ИМА сармоя гузоштааст.

Дар айни замон барои созмон ёфтани корхона Ҷамъияти саҳҳомии «Бухоротекс» 49 фоиз, фирмаи «Виматекс Интер»-и Швейтсария 51 фоиз ба маблаги хеш саҳм гузоштанду дар бобати бо шуғли доимӣ фаро гирифтани садҳо ҷавонписарону духтарони ноҳия саҳми калон гузоштанд.

Ҳоли ҳозир аҳли корхона аввалин маҳсули дасти хеш—калобаҳои риштагин ва сурфи хомро ба ҳукми харидорон пешкаш намуд. Агар корхона минбаъд ба иқтидори лоиҳавӣ расонда шавад, дар он сурат имконияти соле тайёр намудани 2958 тонна калоба, 6 миллион метри тулонӣ сурфи хомро соҳиб мегардад.

Таҷҳизоти замонавии «Олоттекс» аз ҷониби мутахассисони туркиягӣ ва олмонӣ васл гардидааанд.

***Дар сурат:** коркунони пешқадами корхонаи муштарак **Хосият Тӯймуродова** ва **Гулнисо Обидова**.*

Матн ва сурати СОБИР ЗАФАРОВ (ӮзА).

Буддизм дар Роҳи бузурги абрешим

Буддои искандарӣ дар Окс

Олимони ӯзбекистонӣ ҳини амалӣ гардондани корҳои ҳафриётӣ дар димнаи Кампиртеппаи вилояти Сурхондарё ба бозёфти шаҳрошӯбе муваффақ гардиданд, ки онро мансуби давраи Искандари Мақдунӣ дар Окс (Амударёи кунунӣ) меҳисобанд.

Дар ин маҳал дар назди дарвозаи арки шаҳр, пасмондаҳои ибодатгоҳи буддии кушонӣ ёфт гардид. Аз яке аз деворҳои асосии он ҳайкалчаи аз хоки пухта сохташудае ёфт гардид, ки шахси дар зери пойи Буддо нишаста тасвир ёфтааст, ки ба нимаи аввали садаи дуюм то солшумории мо рост меояд. Он чиз бояд қайд аст, ки ҳамин ҳабил иншоот амалан ягона дар шаҳри мазкури ҳадима мебошад. То ҳоли ҳозир баъди амалӣ гардондани корҳои чустучӯи бистсола танҳо иншоотҳои таъиноти фарҳангӣ ёфт гардида буданду онро бештар ба иншоотҳои давраи зардуштӣ ва фарҳанги маҳаллӣ маҳсуб донистаанд.

Аз рӯи маълумотҳои манбаъҳои қадимаи хаттӣ шаҳри мазкурро бо фармони сарлашкар ва ҳукмдори юнонӣ Искандари Мақдунӣ баъди юриши ҳарбии он ба Осиёи Миёна сохтааанд. Маълум аст, ки дар соли 329-уми то солшумории мо кӯшунҳои Искандари Мақдунӣ таваccути Окс (Амударё) ба ин сарзамин ҳуҷум овардааанд. Маълум мегардад, ки Искандари Мақдунӣ кӯшунҳои ҳудро аз гузаргоҳи Шӯроб (то оғози садаи XX арзи ҳастӣ мекард) ба ин сарзамин убур кунондааасту қасри калонро дар ин маҳал, ки дар маҳбаъҳои таъриҳӣ ҳамчун Шӯртеппа сабт ёфтааасту то садаҳои VI-IV солшумории мо арзи ҳастӣ кардааст, вайрон кардааст. Баъди забти ин кишвар мувофиқи фармони ӯ қасри нав сохта шудааасту ба он номи Искандари Мақдунирро гузоштаанд. Ва он то даврони мо бо номи Кампиртеппа расида омадааст, ки то садаи IV солшумории мо ва садаи II-уми солшумории мо арзи ҳастӣ намудааст.

Дар бораи ин бозёфти калони таъриҳӣ фикру мулоҳизаҳои хешро сарвари экспедитсияи байналхалқии Таҳористон, мудири шӯъбаи «Таъриҳ санъати»-и Пажӯҳишгоҳи санъатшиносии Фарҳангистони ҳунарҳои зебои Ӯзбекистон, академики ФУ Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Эдвард Ртвеладзе чунин нақл кард:

Чустучӯҳои кунунии баҳории тадқиқотҳои илмии мо дар ин димнаи машҳур бозёфтҳоеро ошкор сохт, ки ҷиҳати шаҳрошӯбиро доранд. Ва он пеш аз ҳама ба дарёфти ибодатгоҳе алоқаманд аст, ки роҳравҳои атрофаш муттаҳидгардидаро фаро гирифтааст. Ва он ба ибодатгоҳҳои давраи зардуштӣ алоқаманд мебошаду онро ҳини меъмории сохтмони ибодатгоҳҳои буддизм истифода бурдаанд ва ҷузъҳои онро дар ибодатгоҳҳои муқаддаси буддизм дар Қаротеппаи Ӯзбекистон, Марви кӯҳнаи Туркманистон, Ачинатеппаи Тоҷикистон, ибодатгоҳҳои Бешим, шаҳраки Красноречe ва Антонови Қирғизистон мушоҳида кардан мумкин аст. Ва онҳо дар ибодатгоҳи махсус ба номи «Роҳроҳравҳои муқаддас» маълуму машҳур мебошанд. Ва ин ибодатгоҳ аз ҷиҳати шаклу мазмун ба муқаддасҷойҳои давраи зардуштиву буддизм алоқамандиро калон доранд. Ва маълум мегардад, ки тарзи меъмории ибодатгоҳи мазкур ба сохтмонҳои таъиноти фарҳангӣ, аз он ҷумла меъмории буддизм хосу мосанд.

Ва онро бисёрии олимон ба иншоотҳое шабоҳат медиҳанд, ки дар давраи ҳукмронии шоҳи бузурги кушониён Канишкаи I бунёд гардидаанд ва тахмин меравад, ки маҳз буддо аз ин сарзамин оғоз ёфта, баъди ба ҷануби Туркистони Шарқӣ, Чин, нимҷазираи Куриё ва Ҷопон ҳаракат кардааасту паҳн гаштааст. Аз манбаъҳои таъриҳӣ маълум аст, ки шоҳ Канишкаи I бо ҳамин машҳур аст, ки дар давраи ҳукмронии ӯ маҳз Масҷиди ҷомеаи сеюм ва чоруми буддизм сохта шудааасту бо ҳамин мухолифат байни мактабу самтҳои мухталиф хотимаи ҳудро пайдо намудааст.

Олимон сирру асрори димнаи Кампиртеппа ва атрофи онро ошкор месозанд ва он рӯзҳо дур нест, ки боз манбаъҳои нав ба нав дар бобати паҳн шудани буддизм аз ин кишвар ба дигар сарзаминҳо пайдо мешаванду аз нигоҳи илмӣ тасдиқи амалии ҳудро пайдо мекунанд.

Сергей САВЧУК-ҚУРБОНОВ.

Хабарҳо аз вилояти Бухоро

Даъвати «Изотеч»

Ширкати азнавкоркунии пӯсти «Изотеч»-и Итолиё бо маҳсулоти бозоргири ҳуд машҳур аст. Пойафзол, сумка, либосҳои чармини мардона, занона ва бачагонае, ки ин ширкат истеҳсол мекунад, кайҳост, ки диққати мардумро ба ҳуд ҷалб намудааст. Имрӯз ҳаводорони ин корхона ҳам дар Урупо ҳам дар Осиё, ҳам дар он сӯи уқёнус сершумоpанд. Ҳоло дар Покистон, Сурия, Испониё, Эрон, Австрия шӯъбаю корхонаҳои муштараки ин ширкат фаъолият нишон медиҳанд.

Ба қарибӣ намояндаи ширкати «Изотеч»-и шаҳри Флоренсияи Итолиё Лучи Диазио ба шаҳри Бухоро ташриф овард. Вай бо рохбарон ва мутахассисони корхонаҳои аз нав коркарди пӯсти вилоят вохӯрда, онҳоро ба ҳамкорӣ даъват намуд. Ба ҳозирон намунаҳо аз маҳсулоти истеҳсолнамудаи ширкат, албоми суратҳои ҷараёни кор ва иқтидори корхона намоиш дода шуд.

Нақшаи хуби «Саховат»

Хоҷагии фермерии «Саховат»-и ҳудуди ҷамоаи шаҳрвандони Буктаройи ноҳияи Ғиҷдувон ба кори хайр даст зад. Вай дар бобати ташкил намудани корхонаи муштараки Ӯзбекистону Итолиё бо мақсади азнавкоркарди помидор ва ҳосил намудани хамира ҳуҷҷатҳои дахлдорро ба расмият даровард. Пешбинӣ гардидааст, ки барои ҷомаи амал пӯшидани ин мақсад ба андозаи 1 миллиону 354 ҳазор евро сармояи хоричӣ ворид мегардад.

«Сухор»—ғолиб

Ба қарибӣ дар шаҳри Бухоро марҳалаи охирини озмун-азназаргузаронии ҷумҳурии «Мероси ачдодон ва таъриҳи боямон-рамзи бузургӣ» ба амал омад. Дар он баҳсу мунозираҳо пуршиддат гузаштанд. Маълум гардид, ки тимҳои вилоятҳои Ҷиззаху Хоразм низ баҳри ғолибӣ азми комил доранд. Бо вуҷуди ин таъриҳшиносони ҷавони бухоройӣ, ки асосии онро дастпарварони мактаб-интернати Когон ташкил мекарданд, дастболӣ намуданд.

Ҷоизадорони «Сеҳрли ёғду»

Ба қарибӣ дар Тошкандшаҳр марҳалаи охирини ҷашнвораи ҷумҳурии кинофотоҳаваскорони ҷавон таҳти шиори «Сеҳрли ёғду» ба амал омад, ки онро Вазорати таълими халқ ҷунбиши ичтимоии ҷавонон—«Камолот», Маркази эҷодкории техникии талабагон ва ғайра якҷоя ташкил намуданд.

Дар он 140 нафар дуҳтарону писарон бо асарҳои ҳуд иштирок карданд. Мукофоти асосии ҷашнвора гран-при ба аъзои маҳфили суратгирии маркази эҷодиёти бачагони рақами 2-юми шаҳри Ғиҷдувон Аваз Шарофов насиб кард.

Ғолиби вилоят

Маълум аст, ки ҳар сол дар ҷумҳурият байни омӯзгорон озмуни «Муаллими сол» баргузор мегардад. Ба қарибӣ дар Бухоро марҳалаи вилоятии озмуни «Омӯзгор-2003» ба амал омад. Дар он ғолибони марҳалаи дуюм-шаҳру ноҳияҳо иштирок намуда, аз рӯи ҳафт намуди шарти озмун ҳуввaозмой карданд.

Ҷои якум ба муаллимаи мактаби рақами яки ноҳияи Пешкӯ Дилафрӯз Абдуллоева насиб гардид. Вай дар мусобиқаҳои ҷумҳурӣ иштирок менамояд.

Амрулло АВЕЗОВ, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Навгониҳои Тоҷикистон

Анҷоми машқҳо

Машқҳои тактикии баталони ҳавоиву штурмӣ, ки дар машқгоҳи гарнизони ҳарбии Суғд ба амал омаданд, марҳалаи хотимавии машқҳои фармондиҳиву штабии сохторҳои нирӯдори Тоҷикистон гардид.

Подразделенияҳои ҳарбии мамлакати мазкур, ки ба таркиби Қувваҳои тез рӯварандаи минтақаи Осиёи Марказӣ шомил гардидааанд, машқҳоро дар бобати муҳосира кардан ва несту нобуд кардани гурӯҳи душмани мунтазиршаванда дар ҳудуди вилоят ба ичро расонданд.

Аз рӯи суханони ҷонишини комиссари гарнизон, полковник Баҳром Усмонов маълум мегардад, ки амалиётҳои подразделенияҳои махсус хуб арзёбӣ гардид. Рафти машқҳоро ҷонишини аввали вазири дифоъ, сарвари Штаби Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон Равил Нодиров муоина намуд.

Вазифаашонро пурра ичро карданд

Мӯҳлати сафари мушовирони ҳарбии русиягӣ, ки аз соли 1996 боз ба мутахассисони Вазорати дифои Тоҷикистон кӯмаки назариявиву амалиро мерасонанд, ба охир расид. Чуноне ки сарвари маркази матбуоти Вазорати дифои ҶТ Зиробиддин Сирочов хабар дод, дар ин муддат дар ҳаҷми калон корҳои ҷиҳати машвараті дошта ба анҷом расиданд. Ҳарбиёни русиягӣ ҳам дар вазорати дифоъ, ҳам дар соединенияву қисмҳои ҳарбӣ кор карданд. Бо кӯмаки онҳо дар ҶТ заминаи зарурии таълимиву моддӣ дар ҳудуди як қатор қисмҳои ҳарбӣ ба вуҷуд оварда шуданд. Мақсади асосӣ аз фаъолияти муштарак аз ҳамин иборат буд, ки таркиби фармондиҳии артиши тоҷик дар бобати мустақилона пеш бурдани фаъолият омӯзонда шавад. «Ва ин мақсад пурра ичро гардид»—изҳор намуд З.Сирочов.

Дар айни замон аз рӯи суханони вай ҳамкории русиягиву тоҷикистонӣ баробари ба ватани ҳуд рафтани мушовирони русиягӣ канда намешавад. Дар ҶТ омӯзгорони ҳарбии русиягӣ ба мақсади таълимдиҳӣ дар Донишкадаи ҳарбии Вазорати дифои ҷумҳурият мемонанд.

Иқдоми аввал

—Пешомади воқеӣ дар бобати вусъат додани муовизаи мол байни Тоҷикистон ва яке аз марказҳои калонтарини саноатии Россия— минтақаи Урал мебошад,—гуфт ҳини нишасти матбуотӣ бо паёмнигорон намояндаи ҳайати вакилони Урал дар Хуҷанд, ки аз рӯи натичаҳои дар вилояти Суғд меҳмон гардидани онҳо ороста шуд.

Намояндагони доираҳои корчаллони минтақаи Урал ба палатаи савдову саноати Хуҷанди вилояти Суғд ба мақсади омӯзиши вазъи иқтисодиёти вилоят, арзёбии имкониятҳо оид ба рушди равобити байниҳамдигарӣ даъват гардида буданд.

Ҳоли ҳозир муовизаи мол байни минтақаи Урал бо Тоҷикистон 7,2 миллион долларро ташкил медиҳад, ки аз 2,5 миллионашро содироту 4,7 миллион долларашро воридот ташкил медиҳад. Чуноне ки раиси палатаи савдову саноати Урал Юрий Матушкин изҳор намуд, минтақаи онҳо аз ба ҳам баробар кардани содироту воридот манфиатдор аст. Ва онро дар натичаи расонда додани таҷҳизоти технологӣ барои корхонаҳои соҳаи энергетика сарпур кардан мумкин аст.

Коргоҳҳои нав

Боз як гурӯҳи кӯчбандҳои меҳнатӣ аз Исфара, ки аз 60 нафар иборатанд, ба Омски Россия роҳ пеш гирифтанд. Онҳо асосан бинокорон ва коркунони мухталифкасб мебошанд, ки барои онҳо корхонаи фарҷии «Суғдхоричакор»-и вилояти Суғд пешакӣ коргоҳҳоро дар Россия фароҳам овардааст.

Аз рӯи суханони намояндаи корхонаи фарҷӣ дар Исфара Додохон Лакимов маълум мегардад, ки «Суғдхоричакор» ва ширкати бинокории «Беркут»-и Россия дар ин бобат аҳду паймон ҳосил кардааанд, ки кӯчбандҳои тоҷикистонӣ асосан дар обектҳои бинокории вилоятҳои Омск ва Сахалин кор мекунанд. Коргарон бо истиқоматгоҳ ва хӯроки се маҳал таъмин карда мешаванд. Ширкати русиягӣ ба зимма расмигардонии муваккатии онҳо, дигар масъалаҳои ташкилиро мегирад. Ба онҳо ҳар моҳ тахминан аз 7,5 то 9,5 ҳазор рубл дастмузд дода мешавад.

Амрикоиён дар Помир

Гурӯҳи махсуси начотбахшандагони амрикоӣ аз Калифорнияи ИМА ба Хоруғ омаданд, то ки дар бобати ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои экологӣ дасти мадад дароз кунанд. Сарвари гурӯҳи начотбахшандагон Дэвид Ковар изҳор намуд, ки гурӯҳи вай хуб таълим гирифта мебошаду танҳо ба ҷонибдории маъмурияти вилояти худмухтор ва штабҳои вазъияти фавқулодда ва дифои шаҳрвандӣ эҳтиёҷманд аст. Онҳо ба начотбахшандагони маҳаллӣ сирру асрори техникаи махсус ва усулҳои расондани кӯмаки аввалини тиббиро ҳагоми сар задани вазъияти фавқулодда меомӯзонанд.

Дастгир шуд

10 килограмм ҳероини барои фиристодан омодагардидаро кормандони Вазорати умури дохилаи ҶТ боздоштанд. Чунон ки аз умури матбуоти вазорат хабар доданд, кормандони Раёсати умури дохилаи наклиёт ҳини ба рӯи об баровардани амалиёти махсус дар ҳудуди майдони ҳавоии пойтахт шаҳрванди Тоҷикистон, прапоршики Вазорати дифоъро боздоштанд. Дар рафти тафтиши наклиётӣ 10 килограмм ҳероин ба даст афтод. Аз рӯи суханони сарвари маркази матбуоти ВУД ҶТ майор Худоназар Асоев маълум мегардад, ки моддаи мазкури нашъамандӣ мебоист ба Россия роҳ пеш мегирифт.

«Туркистон-пресс».

Техника омодаи мавсим аст

Дар ноҳияи Ёзёвони вилояти Фарғона соли кунун ба 6380 гектар ғалла коридаанду ҳосили фаровонро бардоштанианд. Ба мақсади сари вақту дар фурсати кӯтоҳ ва ҳушсифат ғундоштани ғалла коркунони ҷамъияти саҳҳомии саройҳои мошину тракторҳои ноҳия ҳам корҳои зиёдеро ба ичро расонда, ба мавсими ҳосилғундорӣ пурра омода гардиданд. Дар ин ҷо алҳол 7 комбайни «Кейс» ва 16 комбайни русисохт ба мавсим тахт гардидааст.

Азбаски соҳаи кишоварзии ноҳияи Ёзёвон сад фоиз ба ихтиёри хоҷагиҳои фермерӣ гузошта шудааст, бардоштани ҳосили фаровон дар назар дошта шудааст. Аз он ҷумла, аз рӯи ҳисобҳои пешакӣ аз ҳар як гектар ғаллазор бардоштани 42 сентнерӣ ҳосил ба нақша гирифта шудааст.

***Дар сурат:** комбайнрони Ҷамъияти давлативу саҳҳомии мошину тракторҳои ноҳия **Латифҷон Ӯтанов**.*

Матн ва сурати М.ҚОДИРОВ. (ӮзА).

Эҳсоси ватанхоҳӣ ва дӯстӣ

Халқҳои бародари собиқи шӯравиро риштаҳои гуногун ва омилҳои мухталиф бо ҳам мепайвандад. Ва баъзе аз онҳо бино ба ҳодису рӯйдодҳои таъриҳӣ ва оламшумул ҷунон бо ҳам пайвастааанд, ки дар ин дахсолаҳои ҳамзистӣ аз имтиҳони давр гузоштаанд.

Шоири бузурги белорус Якуб Колас солҳои 1941-1943 дар Тошканд бо хонаводаи ҳуд зиндагӣ намудааст ва ин танҳо як мисоли равшани он ҳамбастагиҳои давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон мебошад. Дар асл Ӯзбекистон ба ҳазорон аҳли Белоруссия дар ин солҳои пурдаҳшат сарпаноҳ дод ва на танҳо онҳоро аз талафи ҷисмонӣ, балки муҳимтарин ва бузургтарин корхонаҷоти стратегии ин ҷумҳуриро ба Ӯзбекистон кӯчонданд.

На танҳо ин кӯчиданҳо, балки дар озод намудани хоки ин ҷумҳурӣ аз фашистони немис садҳо ҳазор ӯзбекистониён дар майдони набард ҳуввaозмой намудааанд, ки дигар ҷанбаи бародарии халқҳои моро далолат мекунад.

Дар қатори тамоми халқҳои шӯравӣ бештар аз ҳама Ҷумҳурии Белоруссия зарари моддӣ ва ҷонӣ дидааст, ки беш аз 2 млн. 200 ҳазор аҳолии он пешакӣ карда шудааст, ки он чоряки аҳолии ҷумҳурӣ будааст. 209 шаҳру марказҳои ноҳияҳо, 9 ҳазору 200 деҳаро немисҳои ишғолгар нобуд сохтааанд. Такрибан тамоми корхонаҳои саноатӣ, колхозу совхозҳо, мактабу муассисоти илмиву фарҳангӣ, бемористонҳо аз кор бароварда шудааанд.

Ҷумҳурии Белорус дар маҷмӯъ 1413 шабу рӯз дар тасарруфи немисҳо буд ва маҳз дар ҳамин қадар вақт бар зидди он муқовимат намуд.

Ба хотири дӯстӣ ва ҳамдардиву ҳаммаслакӣ дар пойтахти Ӯзбекистон низ нишонаҳо аз бузургдошти шаҳрҳои қаҳрамони он вуҷуд доранд, ки дар Тошканд онро бо номи «Хиёбони Волгоград» унвон кардааанд. Ва ҳар дафъа зиёрат намудани ин хиёбон ва гулчанбарҳо гузоштан ба пояи ин лавҳаҳои шаҳрҳои қаҳрамон аз ҷониби намояндагони сафоратҳонаи Белорус якҷоя бо дипломатҳои Русия, Гурҷистон, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Украина, Озарбойҷон ва Булғория ҳукми анъанаро гирифтааст. Чунин маросимро онҳо дар хиёбони Мустақилии пойтахт дар назди мучассамаи Модари мотамзада — Оташи ҷовид низ баргузор намуданд.

Чунин эҳтиром ба муҳофизон ва қаҳрамонони диёр аз ҷониби ворисон ҳамеша эҳсоси ватанхоҳиву дӯстӣ ва шуҷоатро дар ҷамъият бедор ҳоҳад кард.

Т.ИКРОМОВ.

Дастаи ҳунарии «Байрам» тез-тез меҳмони меҳнаткашони вилояти Ҷиззах мегардад. Ба қариб онҳо меҳмони меҳнаткашони ноҳияи Мирзочӯл гардиданд ва бо ҳунари волои худ хотири дӯстдорони созу сурудро шод гардонданд.

***Дар сурат**: даста ҳангоми ҳунарнамоӣ.*

Аксбардор: Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.

Рӯйдод

Воҳӯрии дӯстони ҳампеша

Ба қариб дар Тошканд бо пуштбонии Пажуҳишгоҳи Созмони кушоди Ӯзбекистон (Бунёди Сорос) конфронси илмиву амалии минтақавӣ дар мавзӯъи «Театри Аврупо дар олами ислом: таҳвили масоҳати собиқ Шӯравӣ дар санъати театрии кишварҳои Осиёи Марказӣ» баргузор шуд.

Ин воҳӯрии нахустини санъатшиносон дар чунин як анҷумани бонуфуз буда, маслаки он робитаи гусастаи байни санъати театрии Қирғизистон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро пайвастан, ҳамчунин иртиботи шахсии коргардонҳо, таҳиягарон, мунақиддони санъати театр ва дигар алоқамандони соҳаи кишварҳои ҳамчаворро ба роҳ мондан буд.

Баробари он ҷамъомадагон вазифадор буданд, ки якдигарро, аз ҳаёт ва фаъолияти арбобони театри кишварҳои ҳуд, бурду бохтҳои соҳаи мазкур дар шароити мураккаби гузаштагон ба иқтисоди бозаргонӣ огоҳ созанд, муаммоҳои ба миёномадаро дастҷамъона ҳаллу фасл намоянд. Ҳозирон ба масъалаҳои чӣ ҳол доштани театр дар минтақа, таъсири мутақобилаи он ба санъати театри олам анъанаҳо ва бозёфту навгониҳои тозаи он дар ҳоли ҳозир рағбат зоҳир карданд, пешомадҳои онро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Бояд гуфт,ки ҳамаи ин масъала ва муаммоҳо дар суханронӣҳо акси ҳудро ёфтаанд. Дар конфронс 16 маърӯза шунида шуд.

Номзади улуми санъатшиносӣ А. Чумъаев аз хусуси «Тамаддун дар олами ислом» маърӯза кард. Доктори улуми санъатшиносӣ М. Қодиров дар бораи «Театри анъанавӣ ба сифати раванди бадеӣ» ахборот дод. Маърӯзаи доктори улуми санъатшиносӣ Н. Янов — Яновская ба «Операи ӯзбек ҳамчун воқеаи байналхалқӣ» бахшида шуд.

Маърӯза ва суханронӣҳои меҳмонони мо аз Қазоқистон доктори улуми фалсафа А. Наврӯзбоева, номзади улуми санъатшиносӣ С. Кабдиева, Тоҷикистон саркоргардони театри академии ба номи А. Лоҳутӣ Д. Убайдуллоев, шарқшинос М. Шаҳидӣ, аз Қирғизистон Р. Ӯрозгелдиев ҳеле доманадор ва завқовар буданд.

Дар конфронс ҳамчунин А. Умаралиева аз Қирғизистон докторҳои улуми санъатшиносӣ И. Мухторов ва М. Тӯлаҳӯҷаева аз Ӯзбекистон, А. Сигай аз Қазоқистон, Т. Абдушукурова аз Тоҷикистон маърӯза карданд.

Конфронс дар ҷамъомади мизи мудаввар ҳусни интиҳо гирифт. Ҳозирон иброз доштанд, ки чунин ҷамъомадҳоро аҳаллан дар ду сол як маротиба баргузор созанд, зеро туфайли воҳӯриҳо ва радду бадали афкор санъати мазкур рушду инкишоф ҳоҳад ёфт. Табодули андешаҳои мухталиф ба фоидаи кори ҳунармандон ва умуман театр ҳоҳад буд.

Меҳмонони конфронс ҳар рӯз спектаклҳои театрҳои пойтахтро тамошо карданд.

Муҳаббат ТӮЛАХӮҶАЕВА,
доктори улуми санъатшиносӣ.

Хонаи меҳру муруввat

Он рӯз кормандони хонаи муруввat ҳашар эълон карда, ҳама сарҷамъ барои ободии гирду атроф, кабудизорҷунӣ машғул буданд. Ҳама ҷо озода, дарахтони мевадору сояафкан ва сабзаҳои наврустаи роҳу пайраҳа ба ин манзил ҳусну таровати дигаре мебахшид. Мо пас аз ба дарвозаи хонаи муруввat дохил гаштан сарвари онро чустучӯ кардем. Пас аз чанде ҷавони миёнқаде, ки ҳудро сарвари ин манзил муаррифӣ намуд, моро ба утоқи кории хеш хонд.

Парда Сафаров баъд аз хатми факултаи таъриху ҳуқуқшиносии донишгоҳи давлатии ба номи Низомии шаҳри Тошканд аввал ба ҳайси тарбиячӣ, соняи, муовини сарвари хонаи муруввat ноҳияи Деҳнаб буд. Чанд сол дар ин ҷо кор кард, таҷриба омӯхт.

— Солҳои аввал кор дар ин ҷо хеле мушкил буд» - мегӯяд сӯҳбати хешро оғоз намуда Парда Сафаров. — Бо ҳаммаслакон рӯз ба рӯз мушкилиҳои пешомадаро бартараф менамуданд. Чанде нагузашта равиши корро омӯхтам. Ба ҳудатон рӯшан аст, ки бо одамони ҷисман носолим кор кардан хеле мушкил аст. Барои дили онҳоро ба даст овардан чӣ қадар заҳмат мебояд кашид. Лозим мешуд, ки мо барои хӯрок хӯрдан, дар бистар хоб кардан ва дигар мушкилиҳои онон кӯмаки бевосита мерасонидем. Баъзан як гапро даҳ бор такрор кунам ҳам, боз бо ӯ ҳамон корро бо хоҳиши хеш ичро мекард. Дар ин ваҳт тарбиягарро лозим меомад, ки бо таҳаммул, оромона бо як меҳру муруввat ба ҳуд хос дили ӯро ба даст орӣ ва камбудии ӯро ислоҳ кунӣ. Агар хилофи фикрҳои боло муносибат кунӣ ҳеҷ гоҳ хоҳиши ту амалӣ нахоҳад гашт. Он шахси ҷисман носолим аз ту озурда мегардад. Бесабаб шоир дар ин бобат нагуфта:

Ба даст овардани дунё ҳунар нест,
Якеро гар тавонӣ дил ба даст ор,

Ҳамин тариқ барои дар дилу дидаи ҳамкорон ҷой гирифтан кӯшиш ба харҷ медодам. Чанде нагузашта дар як ҷаласа маро муовини директор таъин карданд. Не нагуфтем. Боз масъулияти ман баланд гашт. Аз ҳарвақта бештар кор мекардам.

Парда Сафаров дар ин вазифа ҳашт сол кор кард.Ҳашт сол турнасо гузашту рафт. Парда дар ин вазифа низ бо як меҳру муҳаббат кор карда, дар байни ҳамкорон ба обрӯву эътибор молик гашт. Сарвари хонаи муруввat ноҳияи Сариосиёро иваз намуданд. Ба ин вазифа шахси лаёқатноку ботаҷрибаро пешбарӣ бояд мекарданд, сарвароии Сарраёсати таъминоти иҷтимоии вилоят номзадии Парда Сафароврро пешбарӣ карданд. Ба ҳамин васила ӯ дар ин маскан сарвар таъин гашт.

— Ҳоло дар ин манзил 200 нафар ногиронон, беш аз 10 нафар шахсони яккаву танҳо зиндагӣ мекунанд, — мегӯяд директори хонаи муруввat ноҳияи Сариосиё Парда Сафаров.

Дар ин манзил барои ногиронон тамоми шароитҳо муҳайёст. Барои онон ҷои хоб, хонаи маъnavият, телевизион, радио, китобхона, ҳаммом, ошхона, майдончаи сайру гашт мавҷуд мебошад. Ба ғайр аз ин барои тарбияву тандурустии онҳо чаҳор духтур, 12 ҳамшираи шафқат, 20 нафар тарбиятгар ҳастанд. Барои истиқоматкунандагон се дафъа хӯрок ва пагоҳӣ наҳор дода мешавад.

— Ҳар сол дар хонаи муруввat санаҳои таъриҳӣ бо тантана қайд карда мешаванд. Як моҳ қабл аз ин иди Наврӯзро қайд кардем. Барои хонаи муруввat ҳамеша раҳбарияти ноҳия кӯмаку ёрии хешро дареғ намедорад. Хоҷагии фермерии «Боғу бӯстон», сарвари дирексияи Тӯпаланг Ниёз Тӯраев ва боз чанде дигарон ба мо кӯмаки моддӣ расониданд.

— Дар баробари ин,— мегӯяд Парда Сафаров, суханашро идома дода, ҷамоаи мо барои таъмири ҳаммом, хобгоҳ барои 20 нафар кӯмак мерасонад. Ният дорем, ки онро то охири моҳи май ба истифода диҳем.

Кору бори сарвари ҷавон ва ҷамоаи он ба мо як ҷаҳон таассурот бахшид.

Нуралии РАҶАБ,
паёмнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Сурхондарё.

Ёдбуди шоир

Дар Қасри маданияти Донишгоҳи омӯзгории Ҷиззах ихлосмандони адабиёт ҷамъ шуданд. Дар ин ҷо ба муносибати 100-солагии зодрӯзи шоири шаҳир Ғафур Ғулом анҷуман барпо шуд. Дар ин маҳфили адабӣ духтари шоир Олмос Аҳмедова, шоираи халқии Ӯзбекистон Ойдин Ҳоҷиева, шоира Қутлибека Раҳимбоева ширкат намуданд. Ҳамчунин сарвари Донишгоҳ Ғафур Муҳаммедов, қаламкашони ҷиззахӣ Шаҳло Аҳророва, Эшпӯлат Абдуҳоликовҳо ба сухан баромада, аз шоир бо некӣ ёд карданд.

Дар охир дар китобхонаи илмии донишгоҳ намоиши китобҳо бо номи «Ғафур Ғулом ва истиқлол» баргузор шуд.

Навид

Суруду тарона руҳро болида созад

Дастаҳои ҳаваскорӣ аз рӯи даҳ намуди жанр барномаҳои ҳудро намоиш доданд. Мақом, ичрои алла, рақс (якка ва оммавӣ), суруди калон, тарона ва байтҳои халқӣ, асарҳои эҷодкорони маҳаллӣ, санъати сирк ва барномаҳои саҳнавӣ бахшида ба 12- солагии истиқлол, «Соли маҳаллаи обод» ба маърази тамошо гузошта шуд.

Овозхони дастаи «Дӯстлик чамани» Ҳикматҷон Қодиров, роҳбари бадеии даста Ҷамила Равшанова, дастаи «Шифокор» рақси «Зилола»-ро ичро карданд. Инчунин Шукурҷон Ваққосов, Илҳом Алибоев, Санақул Омоновҳо дар ҳавои мақом суруданд, ки писанди ҳозирон гашт.

Ҳайъати ҳакамон, таҳти роҳбарии мутахассиси калони маркази корҳои маданӣ-маърифатӣ ва эҷодиёти халқии Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ Муборак Ниёзова ба баромадҳои аъзоёни дастаҳои ҳаваскории ноҳияҳои Фориш, Дӯстлик, Ғаллаорол, Пахтакор, Ҷиззах баҳои баланд доданд.

Ҷои олӣ насиби форишиён шуд. Онҳо ба миқдори ҳаштод ҳазор сӯм мукофотонида шуданд. Ҷои аввалро санъаткорони ноҳияи Дӯстлик (панҷоҳ ҳазор сӯм) гирифтанд. Ба гурӯҳҳои ҳунарии ноҳияҳои Ғаллаорол ва Ҷиззах (сӣ ҳазор сӯм) ҷои дуюм, Пахтакор ҷои сеюм (понздаҳ ҳазор сӯм)-ро доданд.

«Беҳтарин сарояндаи алла» овозхонони хонаи маданияти Ҷиззах Майсара Давурова, «Беҳтарин мақомхон» овозхони ғаллаоролӣ, «Беҳтарин сарояндаи ҷавон» аз ноҳияи Пахтакор Мадина Ортиқова шиноҳта шуданд.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилоятҳои Ҷиззаху Навоӣ.

Пиндори нек,гуфтори нек, кирдори нек

Баҳс дар атрофи забон ва усули таълими дастури забон

1. Дижхароботи сухан обод кардан месазад...

Ҳар қадар ки мо бодиғӣ накунему суханпардозӣ нанамоем, боз ҳам пеши соҳибназарон-мардуми бофарҳангу соҳибфазилат бемоягии гуфтору беҳоягии навиштҳо рамонро хуб эҳсос мекунем. Ба ҳар ҳол мо дар аксари ҳолот зимни бархӯрд бо афкори «бегона « ба ҳуд мепечем ва ҳарчанд ҳис мекунем, ки ноҳақем, боз ҳам аз қабули андешаҳои «бегона», вале солим ҳудро ба ғӯшаҳои торики дил мерасонем ва беибо тарафи муқобилро ҳудаву беҳуда мавриди сарзанишу маломат қарор медиҳем.

Ҳар чӣ ҳам бошад, мақолаи «Обод кардан месазад» мансуб ба қалами омӯзгори нуктасанҷ ва хештаншинос Ҷаббори Ҷаббор ойди шеваи омӯзиши забони модарӣ ва сатҳи забондонии ҳуди омӯзгорони забону адабиёти тоҷик басо ҳонданист ва қобили дастгириву пуштибонист. Мутолааи он ба мо имкон медиҳад сари ин мавзӯъ ба андеша равем ва дар чаҳор нукта, ки омӯзгори номбурда аз он ёд мекунад, мулоҳизоту пешниҳодоти ӯро таҳвият бахшем. Аввалан сари масъалаи шева ва ё усули омӯзиши забони модарӣ. Бояд гуфт, ки олимони забоншиноси тоҷик, ба вижа равишомӯзони кишвари ҳамсоя кайҳост, ки бар ин нукта таъкид варзидаанд: усули таълим ислоҳ металабад ва мо бояд ҳар чи сареътар қавоиди дастурии ҷадидро матраҳ бисозем, то ҷавобгӯи рушду ривочи ин забон тайёи садсолаҳои қаблӣ бошад; модоме ки чунин аст, яъне вазъ ислоҳ металабад, он қоидаҳоро ба кадом сабк ва ба кадом наҳв мутобиқ гардонем: ба ҳамон сабки пешинаи мумтоз, яъне классикӣ, ки басо дилнишину дилпазир буда, бозгӯи табиати сеҳрангези забони ноби дарӣ-тоҷикист ё забони форсии навини Ироню ба ҳайси улгуи забони муосир қарор бидиҳем? Кадом авомил ҷиҳати пешрафту пешбурди забон ҳалал мерасонад? Пешниҳодоту дарҳостҳои фаровон дар ин замина рӯи кор меоянд ва ба иллати он, ки сӯҳбати мо тӯл накашад ва зарфияти рӯзнома низ онро таҳаммул нахоҳад кард аз овардани хулосаҳову пиндорҳои илмӣ-амалии он пажӯҳишҳо ва баҳсҳо иҷтиноб меварзем.

Билофосила ва мумкин аст гуфт, ки бедаранг ин мавзӯъ ва ин матлаб ба мақолаи шоир, мудири бахши адабиёт ва ҳунари рӯзномаи «Овози тоҷик» Абдулло Субҳон таҳти унвони «Сухани фасеҳу расоям орзуст» аз таъриҳи 27.Х. соли 2001 дар матбуоти мо низ оғоз шуд ва ҳамовозии гарму чӯшоне дар маҳофили илмӣ-адабии ҷумҳурӣ, ҳамчунин дар миёни муштариёни рӯзнома, ба вижа, омӯзгорон пайдо кард. Он чизе шуд, ки бояд аллакай мешуд. Ин ҳасоратро метавон ҳамчун падидаи нави илмӣ-адабӣ арзёбӣ намуд. Ҳаминро бояд қайду сабт намоем, ки дар ин баҳсҳо омӯзгорони равшанзамире ва муштариёни ҳудогоҳи рӯзномаи «Овози тоҷик» дар канор намонданд ва нуктаи муҳим маҳз дар ҳамин аст.

Оре, муаллимони корварзи мо имрӯз бештар аз дирӯз ба масоили марбут ба усули таълим ва пешомадҳои фановарӣ дар риштаи омӯзишу парвариш изҳори назар мекунанд ва ҳаҷ доранд тавассути матбуоти даврӣ, садову симо бо ироаи мақолоту пахши гуфторҳо ва гузоришҳои телевизионӣ усули таълими пешниҳодишонро дар пешрӯи ҳамагон ҷиҳати баррасӣ ва муҳокама қарор диҳанд. Воқеан бо ин мақсад дар Маркази таълими ҷумҳурӣ Шӯрои илмӣ-равишомӯзии мактабҳои тоҷикзабон (на Шӯрои забону адабиёти тоҷик, тавре ки баъзеҳо чунин мепиндоранд, балки Шӯро барои ҳамаи маводи дарсӣ, ки дар мактабҳо тадрис мешавад) таъсис ёфтааст.

Мақолаи Ҷаббори Ҷаббор аз лиҳози вусъати фикр, шеваи навиштор, ҷавҳари маънӣ,дар миён ниҳодани масъалаи таҳти назар аз баъзе мақолаҳои ситоишӣ ва фармоишии дилбехӯзуркунандаи рӯзноманигорон ва қаламбадастон (албатта, на ҳамаи рӯзноманигорон) чанд сару гардан боло меистад.

Қолабпардозиҳои шахшударо рад намуда, баргашт ба ҷумлаороиҳои пешинро писандидааст. Дилбохтагону ташналобони забони ноби дарӣро ба омӯзиши осори мумтози пешин, ки нуктасаҷона дурри суханро суфтаанд, фаро ҳондаанд. Айни муддао!

Ва ҳоло асри нав фаро расид. Табиист, ки бо аз байн рафтани низоми мавҷуда низоми ҷадид рӯи кор меояд ва ҳамзамон бо он фарҳангу адабиёт ва забон низ, ки чузве аз фарҳанг аст, таҷдид мешавад. Акнун «мусиқаи якка» ҳам несту «рақси оммавӣ» ҳам нест, ки ба рушду ривочи табиии забон ва баргашти он ба маҷрои аслӣ мамониату мавонеъ эҷод кунад. Ҳаққо ки он бастагӣ дорад танҳо ба ҳавсалаву фитрати илмии забоншиносон ва қудрату лаёқати таҳриру тарҷумаи рӯзноманигорону муҳаррирону мутарҷимон. Рӯзнома бояд тӯдаҳои мардумиро аз паси ҳуд барад. Вазифаи он ошно сохтани мардуми тоҷикзабон бо қарорҳову қонунҳои ҳукумату давлат ва аз сӯи дигар бо ироаи сафҳаи навгониҳову рӯйдодҳои фарҳангӣ, зиндаву поянда нигоҳ доштани забони модарист. Ва маҳз дар ҳамин сафҳа гоҳ-гоҳ навиштаҳои мо низ рӯи чопро мебинад. Умуман, масъалаи соддакунии забон асоси воқеӣ дошт ё ҳоло ҳам дорад.

2.Ҷаҳон дори мукофот аст 1 дорад
табъи ойина,
Ба ҳар ранге ки гардӣ рӯи ҳудро
ончунон бинӣ
Мирзо Абдулқодири Бедил

Бахши дуввуми мақоларо бо байте аз муассиси сабки ҳиндӣ (аксаран бо номи муассисаш - сабки Бедил низ ҳонда мешавад) унвон кардани камина бесабаб нест.

Дар идомаи ҳамин сӯҳбат мехостам андешаҳои хешро ойди мақолаи рӯзноманигор Маъруфи Отахонзода таҳти

Акси садо

унвони «Забон ва Замон»иброз намоям. («Овози тоҷик, 5 феврали соли 2003). Ҷаббори Ҷаббор танҳо дар хусуси тағйир бахшидан ба усули таълими забони тоҷикӣ ва боз ҳам ба таври густарда фаро гирифтани донишомӯзон бо луғатҳо изҳори назар мекунад, ки басо қобили дастгирист. Ӯ ҳаргиз ҷонибдори «бо қабои арабӣ печондани ифодаҳои дилчаспи (М.О. ҳамин тавр нигоштааст) содда» намебошад.

Умуман ,суханро аз «зербино»-и забон, яъне қавоидии дастурии забон («грамматика»), саҳеҳтар бигӯям сарфу наҳв (морфология ва синтаксис) шурӯъ кунем, ба фикрам бисёре аз мушкилоту гиреҳҳо ҳуд аз ҳуд ҳаллу боз мегарданд. Арз кунам, ки забони тоҷикӣ ба оилаи забонҳои ҳинду урупоӣ, гурӯҳи забонҳои ironӣ, зергурӯҳи (ё шохаи) забонҳои ғарбии ironӣ (форсӣ, дарӣ, тоҷикӣ) таллуқ дорад. Модоме ки чунин аст, пас мо бояд ба асолати ҳуд такя занем, на ба «грамматика»-и Расторгуева! Ё «грамматика»-и форсиву дариро низ Расторгуева навиштааст?!

Шумо ҳатто забони ягонаи тоҷикии Мовароуннаҳрро таҳсим карданиед!? Банди дуюми (саҳ.4.) мақолаатон гувоҳ бар он аст: .»Қонуни забони тоҷикӣ « ба номи ҳуд шаҳодат аз он медиҳад, ки марбути дигар чумхурист, аз ин ваҷҳ низ ин гуна таклифҳо қодир ба дигар сохтани он «бинои « мӯҳташаме, ки зербиноишро бузургон гузоштаанд, намебошад».

На, шумо ғалат мекунед! Забон сарҳад надорад! Бигирем, забони русиро. Имрӯз ҳар навгоне дар луғату имлои русӣ дар Федератсияи Русия рӯи кор меояд, ҳатман дар ғӯшаву канорҳои дунё низ татбиқ мегардад! Зеро забони русии Русия ва забони русии Осиёи Миёна гуфтан нашояд!

Даъвои он ки ҳамзабонони мо ба соддагӣ дар забони мо ҳавас кардаву ба ваҷд меомадаанд, набояд ваесилаи фахру ифтихори мо бошад. Зеро онҳо зуд илова ҳам мекунанд: забони шумо аз рушду нумӯ мондааст, шумо барои ифодаи теҳнулучии муосир ва фановарӣ воҳаҳои матлуб надоред. Воқеан ҳам ҳамин тавр аст. Улуми тиббу беҳдоштӣ, мошинолоту ҳандаса, сохтмон ва лӯлакашии обу газ, баркрасониву дастгоҳҳои ҳудкор рӯи кор омаданд ва ҳамзабонҳои мо барои ҳар яке аз ин соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ҳазорҳо воҳаро офариданд, сохтанд, дар амал пиёда намуданд, мо чи кардем - ҳеҷ чиз, фақат аз забонҳои дигар гирифтему гирифтем ва гуфтем, ки забони мо бой шуд. Пас он ваҷд нест, киноя эшон аст! Зеро забон якҷо бо ҷомеа тараққӣ мекунад. Ваҷди онҳо марбут аст танҳо ба чанд сад воҳаи маъмулии муошарат ва ҳабили як, ду, панҷ, шонздаҳ, об, нон, чой, нағз, палонч, садсола шавед, ҳурӯси фалонӣ ҷеғ зад, фалонӣ бедор шуд, саломат бошед... ва ин радиф каламот баъди чанд даҳиқа бо ҳамон сурҳате, ки шурӯъ шуда буданд, боз бо ҳамон сурҳат ҳотима мепазиранд ва дигар мо гунгу лол мегардем. Он чизе ки моро бо онҳо мепайвандад, адабиёти бадеӣ аст ва он ҳам то асри 20. Аммо ба ҷуз адабиёти бадеӣ адабиёти илмӣ ҳам вуҷуд дорад ва фарқ аз замин то осмон аст...Он мавзӯи баҳси алохида аст. Онҳо забони гуфтори маҳаллии моро, забони гуфтугӯии кӯҳистониёнро дар назар доранд, зеро ба сабаби дурӣ аз шаҳрҳои саноатӣ ва маҳлут нашудан бо шаҳриён онҳо асолати забонро ба таври табиӣ ҳифз кардаанд.

Пӯшида нест, ки 40 дар сади таркиби луғавии забони адабии тоҷикиро (забоншиносон чунин тахмин задааанд, ин ҳарфи ман нест) маҳз каламоти арабӣ ва арабисохт ташкил мекунанд. Ҳуди муаллифи мақола (М.О.) бехабар аз он ки навиштаҳояш моломол аз каламоти арабиянд, даъвои оддинависиву содданависӣ мекунад. Истифода бурдани ӯ аз каламоти арабӣ дарди бахайр аст, аммо чи тавр метавон эзоҳ дод, ки бар асари нодуруст истеъмол кардани каламоти арабӣ навиштаҳояш то андозае ҳандаовару бемаъниӣ ҳам гаштааст. Инак чанд мисол: «Ба истилло» чи маъниӣ дошта бошад. «Филҳолу филмасал»- чӣ. (Дар бахши «Ченаки забони матбуот».) Аз сабаби ноогоҳии рӯзноманигор дар фаҳмиши каламоти арабӣ ин калимаи арабӣ -»истилоҳ» ва ҷамъи он «истилоҳот» ба ин гуна хору ҳақир шудааст: «истиллоҳоти русӣ» (банди чоруми мақолаатон), «ба истилло, дастраси умум гардид». Дигар ин ки «истилоҳ» дар забони гуфтугӯии омиёнаи Афғонистон мавриди корбурд қарор мегирад ва онро ба зумраи «такяқалом» мансуб донистаанд. Муродиҳои дигари он «фаразан», «ба тариқи мисол», «мисли он ки», «гӯё ки» дар навишт истифода мешаванд, аммо «истилоҳ» ба ҳамон вазифае, ки шумо оварадаед шакли навиштории надорад. Аҳли фарҳанг онро «истилоҳ» менависанду талаффуз мекунанд, ба маънои «вожа», «термин» ва онро дар забони ўзбекӣ «атама» гӯянд. Ва боз чанд мисол: Афкору ақоид дар луғоти сиёҳи арабӣ печ андар печ шуда рафтанд. (Аз бахши «Ба форсӣ, тоҷикона сухан беҳтар бувад»). Рӯзноманигори мӯҳтарам! Қавлу амал бояд як бошанд. «Афкор» ҷамъи фикр асту «ақоид» ҷамъи ақида. Модоме ки луғоти сиёҳи арабӣ гуфтед, пас аз ин ду калимаи арабӣ, ки дар вазни «афъолу фаъойил» сохта шудаанд, истифода набаред! «Табъид»-у «тавқиф»-ро аз банди дуюми «Гаҳворачунбонҳои «Овози тоҷик» чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

Умуман баъзе баҳшҳои ин мақолаи тӯлонӣ, ки зоҳиран чун эътирози заиф ба навиштаҳои Ҷаббори Ҷаббор ба назар мерасанд, аслан ҳеҷ иртиботе ба мавзӯи мавриди баҳс надоранд ва эҳтимоли қавӣ меравад, ки муаллиф онҳоро бахри пур кардани сафҳа нигоштааст. Агар мақсади муаллиф ин буд, ки меҳост рӯзномахононро аз таъриҳи таъсиси рӯзнома, номҳои пешинаи он, омадурафтҳои чеҳраҳои фарҳангӣ ба идораи рӯзнома, сафарҳои ҳуд, таҷрибаи тарҷумонии хеш воқиф бисозад, дар ин сурат метавонист он матолибро зимни мақолаҳои чудогонае иброз намояд. Воқеан дар мавриди истифодаи калимаи «ғалаба» ба ҷои ҳаммаъной (муодили) он «пирӯзӣ», ки муаллиф бо меҳру муҳаббат ба «тоҷикӣ» будани он ишора мекунад, бояд арз кунам, ки дар ин маврид ҳам муаллиф бозиро бохтааст. Охир «ғалаба» ҳам арабист, на тоҷикӣ ва исми фоъили он «ғолиб» дар вазни «фоъил» сохта шудааст. Дар ин вазн садҳо калима рӯи кор омадаанд, ки имрӯз ҳам дар таркиби луғави забони тоҷикӣ арзи вучуд мекунанд: фотеҳ, моҳир, тоҳир, зоҳир, ботин, дохил ва ғайраву ҳоказо. Умуман, аз оғоз то имрӯз адабиёти форсу тоҷикро ва ҳамзамон бо он забони тоҷикиро устодоне поягузорӣ кардаанд, ки маҳз арабидон будаанд. Рӯдакиву Фирдавсӣ, Синову Форобӣ, Румиву Ҳофиз, Саъдиву Камол, Сайидову Соиб, Бедил, Аҳмади Дониш... Лоҳутӣ, Садриддин Айнӣ ва ниҳоят Улуғзода... Саттор Турсун ... аз забоншиносони маъруфи тоҷик Додоҳон Тоҷиев, Раззоқ Ғаффоров, В. Асроров, Л. Бузургзода, адабиётшиносони номӣ Камол Айнӣ, Соҳиб Табаров, Абдуқодир Маниёзов... аз сарфу наҳви забони арабӣ ба хубӣ огоҳӣ доштанд ва маҳз ба хотири зиндаву поянда нигоҳ доштани забони ноби дарӣ ҳидматҳои арзишманде кардаанд ва мо ҳоло барои ҳар яке аз онҳо ҳайкалу мучассама мегузорем. То ҷое ки Лоик гуфта:

3. Дар қатори сураи Қуръон сухан омӯхтам...

Пас ин ҳама ҳаёҳу аз баҳри чист? Арабидонҳо каламоту ибороти арабиро кӯр-кӯрона на, балки ба мавқеъ истифода мекарданд ва ҳоло ҳам мекунанд ва ҳатто чун медонанд, ки он ё ин калима арабист аз истифодаи он ҳуддорӣ мекунанд ва ҳатман муодили форсӣ - тоҷикии онро меёбанд: бузургии онҳо низ маҳз дар ҳамин аст. Аммо ононе ки даъвои соддананависиро дар забон доранд ба иллати надонистани забони арабӣ, ҳадди ақал имлои арабӣ кӯр - кӯрона калимаҳои арабиро қатор карда дар навишторашон меоваранд ва бадбахтии онҳо низ маҳз дар ҳамин аст. Бе донистани имлои арабӣ қалам рондану хома давондан онро монад, ки ба дасти маймун рандаву тешаро дода наччорӣ (яъне, дуредгарӣ) фармоянд. Боиси аз каламоту ибороти арабӣ қимоб шудани рӯзноманигор дар чӣ бошад? Магар ваҳти таваллуди кӯдак ба гӯши навзод азону такбир намегӯянд? Ба забони арабист? Оре!

(Давомаш дар саҳ.4)

Аз бузургон метавон омӯхт

Чаро мо номусу имон надорем?
Баҳо дар растаи виҷдон надорем?
Равад, бешак, ҳар он чи дорем аз даст,
Агар аз домани Қуръон надорем.
Абдулло Субҳон.

Андешаҳои Тӯхтамиши Бокӣ «Боз бояд нигаҳе тозатар афканд ба хеш..»-ро мутолиа намуда хостам чанд сухан дар бораи обуна, рӯзнома ва миллату забон ғӯям. Дар вилояти Ҷиззах ҳам чун дар вилояти Сирдарё тоҷикони бисёре зиндагӣ мекунанд. Тахминан 25-30 ҳазор нафар тоҷикони вилояти мо парокандаанд. Бояд иқрор шуд, ки бисёрии онҳо намеҳоҳанд сухане дар бораи рӯзнома, миллат, мактаб ва забон шунаванд. Боз ваҷҳ меоваранд, ки фарзандонашон тоҷикиро намефаҳманду дар оянда бояд бо забони ғайр ҳонданро давом диҳанд ва боз баҳонаҳои дигару дигарҳо. Соли 2003 дар вилояти Ҷиззах нархи обуна ба «Овози тоҷик» 8970 сӯму 80 тин буд. Дар вилоят обуна ҳар сол ихтиёрӣ—«маҷбури»ст. Чунки рӯйхати рӯзномаву журналҳо, ки корхонаву мактабу фермерҳо бояд обуна шаванд, аз вилоят фиристода мешавад. (Онҳо муайян мекунанд, ки ба кадом нашрия чанд донагӣ обуна шаванд) он дар ҳокимиятҳои ноҳияҳо тасдиқ шуда, пули обуна аз маоши муаллимон, духтурон ва дигар кормандони буҷавӣ ба яке аз бонкҳо гузаронида мешавад. Шумо он рӯзномаро хондан мехоҳед ё не, «маҷбуран» обуна мешавед.

Соли ҷорӣ рӯзномаи «Овози тоҷик» дар ҳамон рӯйхате, ки аз вилоят ба ноҳияи мо омада буд, набуд.

Азбаски худам барои гузаронидани обуна дар мактаб масъул будам, бо даву тозу зиёд 4 дона аз ҳисоби муаллимон (дар мактаб ҳамагӣ 8 нафар тоҷик ҳастем) ва 3 дона аз ҳисоби фермерҳои хоҷагиамон Атаев Шодибой ва Шарипов Зарифулло ҳамагӣ 7 дона солона ба (Овози тоҷик) обуна кардам.

Бисёр фермеру курсинишинони вилоятамон, ки ба камина ваъдаҳои бебаркаш дода буданд, ба ваъдаашон вафо накарданд.

Замоне буд, ки шоири бузурги тоҷик, волоқалам Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, табиби беҳамто, файласуф Ибни Сино, ҳакимони хирадманд Фаробию Беруниӣ, риёзидонони беназир Мусои Хоразмӣ. файласуфи маъруф Муҳаммади Ғаззолӣ, сӯфиёни беҳамто Саноӣ, Аттор, Мавлавӣ, Ҳаким Умари Хайём, шоири бузург Носири Хисрав ва дигар бузургон бори замону заминро ба дӯши ҳуд бардошта ғами халқу кишварро хӯрдаанд.

Дар замони мо ҳам ҳамдиёру ҳамзабононамон ҳастанд (агар онҳоро «ҳамзабон» гуфтан мумкин бошад), ки дастаашон ба қавле кучое ҳоҳад мерасад. Вале онҳо ғайр аз шӯҳратпарастӣ дигар чизро намедонанд.

Чанд бор шоҳиди он будам, ки ҳофизони номдорро бо ивази пули калон ба тӯй даъват намуда, боз ҳамон қадар пулро аз сари онҳову раққосагон рехтанд. Лек барои равнақи забону миллати хеш пашизе сарф карданро раво намебинанд.

Акнун чанд сухан дар масъалаи омӯхтани забону адабиёт ва таъриҳ дар мактабҳои тоҷикӣ. Омӯхтани назм ва наср забону таъриҳро бояд ва аз мактаб балки аз кӯдакистонҳо сар кард.

Дар ҷавони саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.
Абдурахмони Ҷомӣ.

Аз таъриҳ маълум аст, ки бисёр бузургони мо аз кӯдакӣ тамоми илму ҳунарҳоро аз бар намудаанд. Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино ҳанӯз дар 18 солагиаш ҳамаи илмҳои рӯзгори хешро омӯхта буд. Дар 10 солагӣ шеър гуфта дар диёри Ҳинд шӯҳрат ёфтани Мирзо Бедил ба ҳама маълум аст.

То ҳозир китобҳои дарсии мактабҳои тоҷикӣ таҚлидианд, дар заминаи китобҳои забонҳои дигар нигориш меёбанд. Ваҳти он расидааст, ки дарсҳои таъриҳро аз китобҳои Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Нӯъмон Неъматов ва дигар равшанфикрони тоҷик омӯзонем.

Дурдонаҳои насру назми Рӯдакию Фирдавсӣ, Синову Аттор, Ҳоқониву Низомӣ, Саъдиву Мавлавӣ, Ҳофизу Ҷомӣ, Урфию Назирӣ, Соибу Сайидо ва ё «Донишнома»-и Сино, «Сафарнома»-и Носири Хисрав, «Қобуснома»-и Кайковус, «Муноҷот»-и Ансорӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Кимёи саодат»-и Ғаззолӣ, «Чаҳор мақола»-и Арӯзии Самарқандӣ, «Ҷавомеъ-ул ҳикоёт»-и Авфӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Бахтиёрнома»-и ДаҚиқии Марвазӣ, «Тибби рӯҳонӣ»-и Закариёи Розӣ, «Тӯтинома»-и Муҳаммади Қодирӣ, «Синбоднома»-и Захирии Самарқандӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, «Самаки айёр», «Чор дарвеш», «Ҳазору як шаб» ва садҳо дигар асарҳоеро, ки бо забони шаффофу пурмаънову рангину сеҳрнок навишта шудаанд, дар дарси адабиёт ва берун аз он омӯзонида шаванд.Чунки сухан, забон ва ҳунарро фақат аз бузургон метавон омӯхт.

Фахрии Ҳиравӣ дар «Ҳафт кишвар» фармудааст:

«Мадори кори олам ба ҳикмат аст ва ҳикмат иборат аз донишҳост. Ба дониш аст, ки мардум аз ҳазизи

Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек

(Аввалаш дар саҳ.3)

Магар вақте бузург шуду навбати зангириаш фаро расид хутбаи никоҳ намехонанд. Арабист? Оре! Чун шахсе даргузашт салоти ҷаноза намехонанд? Мехонанд. Арабист? Оре! Пас,чияш монд? Модоме ки аз таваллуд то вафот ва баъд аз он ҳам забони арабӣ ҳамроҳу ҳамқадами мо будааст, ҳатто исмҳои мо ҳариб ки ҳафтод дар сад арабиянд, аз ҷумла «Маъруф» низ арабист, пас чаро рӯзноманигор «аз сангҳои арабиву қабои арабӣ» дар гурез аст?! Гурез аз ҳуд?! Ҳатто номи тоҷикро марбут ба араб медонанд: дар забони паҳлавӣ араб ё арабизабонро тозӣ, тозик, тожик, тоҷик меномиданд. Ва ҳатто арабзодаҳои хуросониро (ё дар Ачам парваришёфтаро) «тоҷик» меномиданд. (Ниг. Садриддин Айнӣ. Дар борои пайдоиши калимаи «тоҷик»). Пас, иллаташ чист ки аз арабу забони арабӣ қимобеду аммо худ бехабар аз онед, ки навиштаҳоятон панҷоҳ дар сад аз арабӣ ташкил ёфтаанд. Агар гуфтание доред, саъй кунед онро бо далелу бурҳон оваред, илман асоснок намоед. Дар он сурат ба навиштаҳои шумо касе эрод нахоҳад гирифт. Удабову уламои фавқулзикр ҳама таҳсили мадрасаро дидаанд ва аз ин лиҳоз ҳам бузурганд. Ба онҳо баробарӣ кардан нашояд. Ва тавре ки иттилоъ дорам, омӯзгор Ҷаббори Ҷаббор саводи арабиро низ фаро гирифтааст. Бинобар ҳамин ҳам навиштаҳои ӯ ба мақолаҳои ва дилбехузуркунандаи баъзе аз «аҳли қалам»монандӣ надорад ва басо дилнишину аз нигоҳи услубу маънӣ бисёр шевову хонданист.

Модоме ки «шахс «- ро пазируфтем чаро «ашхос»- ро напазирем, модоме ки «қоида»- ро қабул кардем чаро «қавоид» нагӯем. «Масъала»- ро ки қабул кардаем чаро «масоил» нанамем?

Чаро ашхосу масоилу манофеъ нагӯему нанависем? Ин корро тӯли қарнҳои мутамодӣ ниёкони шарофатманди мо кардаанд ва ҳоло ҳам дар кишварҳои ҳамҷавору ҳамзабон Ирону Афғонистону Тоҷикистон ин қоидаро муроот мекунанд. Магар бо илова кардани «ҳо»- и тоҷикӣ калимаи арабӣ тоҷикӣ мешавад?

Ачибтар аз ҳама муаллифи мақола (М.О.) дар тарҷумаи «эпидстансия» ранҷ кашидани худро ва аз набудани муодили тоҷикии он шиқоят мебарад. «Маркази касалиҳои (ё бемориҳои) вогир « айнан тарҷумаи ҳамон ифода аст. Айнан мисли ҳамон санатория, курорт, поликлиника ба гунаи «осоишгоҳ, истироҳатгоҳ, дармонгоҳ» тарҷума мешаванд. Ин вожаҳо арабӣ нестанд. Аслан тоҷикианд. Ва онҳоро истифода мебаранд. Ҳатто компутерро ҳоло «роёна» номидаанд ва халқ онро мепазирад. Тавре ки дар вақташ поездро қатор (мардум онро ба нахви худ «оташароба» номиданд), стансияро -истгоҳ, халқ истанса номид ва чандин даҳсолаҳо гузашт то стансия гӯяд, айнан мисли онҳо осоишгоҳу қаторро мӯҳлату муддате мебояд то халқ ба он унс гирад ва агар мо дар интизори он бошем, ки соҳиби забон халқ аст ва ҳама корро ба гардани халқ бор кунем, пас мақсад аз муҳарриру мутарҷим ва рӯзноманигор будани мо дар кучо мемонад?! Умуман, ибораи «соҳиби забон халқ аст»- ро дастак карда дар омӯзиши забон коҳилӣ кардан, рӯзномаро бо ҳарфу ифодаҳои кӯчагӣ зебу зиннат додан, аз дастовардҳои ҳамзабонони бурунмарзӣ сарфи назар намудан бояд ба масобаи хиёнат алайҳи миллату забон шинохта шавад. Ачобати кор дар он аст, ки дар худи ҳамон шумораи рӯзнома дар паҳлӯи мақолаи мавриди назар бо ҳарфҳои хоно баръало сарлавҳаи «Осорхонаи Тӯхтахон Раҳимова» дарҷ гардидааст. О, мешудааст-ку! Осорхона - ин ҳамон музей аст, ки муаллиф (М.О.) қобили тарҷума набудани онро дар радифи каламоте, ки бархе аз онро мо тарҷума кардем, овардааст. Мисли ҳамон «архив»- ро низ метавон тарҷума кард: «бойгонӣ». Ва ҳатто калимаи «институт», ки рӯзноманигор онро низ ба радифи истилоҳоти тарҷуманопазир даровардааст аз баракати забони ғановатманди тоҷикӣ ду тарзи ифода дорад: пажӯҳишгоҳ - ба ҷои институти таълимӣ - тадқиқотӣ ва донишкада - институти таълимӣ (он ҷое ки донишомӯзон таҳсили илм мекунанд.) Вожаҳои прокурору прокуратура, суду адвокатура низ басо муодилҳои дилнишини форсӣ - тоҷикӣ доранд: додситону додсаро, додхоҳиву додгустарӣ. Ҳанӯз даҳ қарн пеш Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ ин вожаҳоро истифода кардааст ва ҳоло ҳам дар кишварҳои ҳамзабони мо он вожаҳо роиҷанд. Масъалаи «глобализатсия», ки хабарнигор аз он ёд мекунад, ҳеҷ рабте ба масоили забон, алалхусус забону услуби баёни рӯзномаи «Овози тоҷик» надорад. Дар раванди глобализатсия масоили марбут ба иқтисоду ҷанг, бозорёбӣ, ҳамфикрӣ ва мулоқоти тамаддунҳо дар миён аст, на усули таълими забону адабиёти тоҷик дар дабиристонҳои тоҷикии ҷумҳурӣ!

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ «дарҷмешуда» намегӯянд, он хоси шеваю лаҳҷаҳост. «Дарҷшуда» ва «дарҷшаванда» шаклҳои дурусти он аст. Якумӣ вобаста ба амали замони гузашта аст, дуввумӣ марбут аст ба замони ҳозира - оянда. Ин аст оқибати усули «сподданависӣ». Билофосила роҳ пайдо кардани чунин ифодаҳо ба забони рӯзнома бархилофи меъёрҳову мавзини (нормаҳои) забони адабии тоҷикӣ аст.

Ибораи «аз минбар фаромадан баробар» (банди ахир аз «Чакидае аз саргузашт») хоси шеваву лаҳҷа аст, на хоси забони адабии ҳозираи тоҷик. «Баробари аз минбар фаромадан» ё «аз минбар фаромадан ҳамоно» шакли дурусти он аст. Калимаи «гоҳан» умуман дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ дида намешавад. «Гоҳ», «гоҳо» тоҷикист ва бинобар он танвини арабии - ан - ро қабул намекунад. Тоҷикон «гоҳо, гоҳе» мегӯянд, на «гоҳан». Арабҳо ниёзе ба ин гуна калимасозӣ надоранд. Танвини «ан» хоси забони арабист ва дар калимаҳое аз қабили «тахминан, масалан, тақрибан, баъзан, умуман» дучор мешавад. Муаллифи мақола барои он ки «аз сангҳои арабӣ боғистони сарсабзро тоза нигоҳ» дорад, аз ҷониби иддае аз фарҳангиёни Афғонистон, ки аз ӯ китобҳои адибони тоҷики Тоҷикистонро дархост намуда будаанд, далел меоварад. Хуб, фарҳангиёни кишвари дӯсту ҳамзабон китоби адибонро пурсидаанд, на мақолаҳои дилбехузуркунандаро! Ба инаш чӣ мегӯед?! Умуман, ҷумлаҳои подарҳаво ҳам аз нигоҳи услубӣ ва ҳам аз нигоҳи мантиқӣ дар ин мақола фаровон ба чашм мехӯранд, ки боварии кас намеояд онро як рӯзноманигор нигошта бошад. Намунае аз мақола барои хатои услубӣ: Дар натиҷа услуби иншои онҳо иҳнокоси мазмунро? зебу зинат бахшида ҷолиби диккат менамояд. Ёбу гир! Ё ин ҳам навъе аз сподданависии муаллиф аст. Дар ин ҷумлаи боло ба ҷуз бахшида ва менамояд боқӣ ҳама сарбасар арабиянд. Ба замми он дар ҷумлаи боло таносуби сухан низ муроот нашудааст. Намунаи дигар барои хатои мантиқӣ: оре сарлавҳа ба монанди тоҳии мардон мебошад, ки аз дидани он мансубияти зодгоҳи шахс ҳувайдо мешавад. (Банди дуюми мақола аз сафҳаи 3). Ачаб! Мо намедонистем. Имрӯз фарғонагиву самарқандӣ, бухороиву сурхонӣ, душанбегиву шаҳрисабзӣ ҳама тоҷӣ мепӯшанд ва ба тоҳии онҳо нигоҳ карда магар метавон ташхис кард, ки ин яке самарқандисту он яке шаҳрисабзӣ будааст. Ҳошо ки не! Тоҷӣ каллапӯши аксари мардуми Осиёи Миёна аст, ба хусус ӯзбекону тоҷикон. Хуб, агар сарлавҳа тоҳии мардон бошад, пас дар ин сурат чанде пеш як гузориши шуморо таҳти унвони «Рисолаи мусиқӣ» чи гуна метавон пазируфт? Аздусар, дар борои асари Бобур будагист...— аз дил гузаронидам (зеро Бобур бо номи «Рисолаи мусиқӣ»-»асаре дорад). Аммо қисми аъзами он ба мавзӯи ғайр иртибот дошт. Пас вақте ба навиштаҳои барҳаққи шахсе эрод мегирем, бояд худамон ба қоидаҳои вазъшуда итоат намоем.

Мӯҳтарам М.Отахонзода!Нуктаи ахиратон пиромуни «Мушкилписандӣ, мураккабнависиро ҳеҷ кас намеписандад. Бедил кайҳо мурдаву бедилхонҳо ниҳоят каманд» иҳонатест нисбат ба Бедил ва бедилхонҳо. Шумо иштибоҳ мекунед!

4. Ба ҷои хотима...

Авоили солҳои 90 - уми асри сипарӣ ҳангоме ки дар шаҳри Диззах (воқеан, ин вожа низ форсӣ-тоҷикист, ас решаи диз, диж - қалъа ва пасванди навозишии -ак, ба маъноӣ қалъаи хурд) масруфият доштам, гурӯҳе аз ходимони матбуоту нашриёт аз камина ифтитоҳи давраи кӯтоҳмуддатро аз имлои арабӣ тақозо намуданд. Он кор натиҷаи дилхоҳ дод. (Ҳоҷат ба овардани ҷузъиёту тафсилоти он нест). Бамаврид ҳоҳад буд, агар аҳли қалам дар ҳар ҷо ба давраҳои омӯзишии алифбои ниёкон пазируфта шаванд...

Ин аст ки мо бахри покиву покизагӣ, тозагиву беолоиишии забон пайкор мекунем ва «сподданависҳо» худашон забонро аз хасу хошок пур мекунанд ва ба саробӯстони фарҳанги ғановатманди тоҷик санг меғурронанд. Аммо:

Замона каҷравишонро ба бар кашад,
Бедил,
Ҳар он кӣ рост бувад хори чашми афлок аст.

Назруллоҳ РАСУЛЗОДА,
номзади илмҳои филологӣ.

х Дори мукофот—хонаи мукофоту ҷазо

Ҳангомаи ҳаммом

Дар Кременчуг ҳаммоме буд, ки ҳаваси ҳамагон меомаду ҳам ба мардон ва ҳам занон хизмат мерасонд. Вале нобаҳангон он фурӯ рафт ва ин ҳодиса шабона рух дод. Набошад, қурбонӣ рух доданаш муқаррар буд. Чунки дар ин ҷо миқдори мизоҷон ниҳоят зиёд асту навбатиён ҳам пайваста меафзояд.

Ба сохтмони ҳаммоми мазкур расо чил сол шуда буд. Дар ин муддат он аккалан як бор ҳам аз тармим набаромад. Биноияш бақувват, аз хишти пухта сохта шуда, ба мизоҷон чандин соли дигар хизмат карданаш мумкин буд. Вале он нобаҳангом фурӯ рафт.

Баъди тафтиш маълум гардид, ки айбдори он асосан мардон будаанд. Онҳо ба он мақсад, ки қадду қомати занонро тамошо кунанд, деворҳоро аз ҳар ҷо сӯрох карда будаанд ва он боиси фурӯ рафтани девори миёна гардида будааст, ки асоси ҳаммомро ташкил медодааст.

Ангуштари никоҳ бароям аз ҳама чиз азиз аст

Яке аз майнӯшони машҳури тверӣ ҳангоми ворид шудани Соли нав шикамсерӣ дар корхона машрубот нӯшиду ба дархости ҳамкорон дар бобати ба маъвояш бурда расондан, «хонаам наздик пиёда рафта мерасам» гӯён ба кӯча баромад. Дар роҳ ҳамқадаҳи худро дида монд ва боз як шишаро нӯшидаву роҳи хонаҳояшонро пеш гирифтанд. Вале якумӣ хонаашро ёфта натавонист ва ба симчӯб такя намуда, ба хоб рафт. Субҳи бармаҳал ҳуҷо кормандони милиса аз хоб бедор карданд ва азбаски ангуштонашро хунук зада буд, филфавр ба беморхона бурданд. Ангуштонро бурридан лозим омад. Вале ангуштарини никоҳ муаммо буд. Ба хизмати заргарон муроҷиат кардан лозим омад. Онҳо омада, ангуштаринро ба чанд қисм буррида гирифтанд ва майзада онро ҷамъ оварда, ба гарданаш овезон намуд. «Барои ман аз ангуштонам дида, ангуштарини никоҳ азиз аст» гуфт вай рафторашро тавзеҳ дода.



Мусобиқаи аҷиб

Дар Грейт-Ҳарвудд ҳар сол мусобиқаи аҷиб гузаронда мешавад ва дар он танҳо мардон иштирок мекунанд. Онҳо аробачаи кӯдкдорро ҳамроҳи худ гирифта, беосеб то манзил бояд расонанд. Ба назар осон менамояд. Вале боз як лекини он ҳам ҳаст. То марра 14 дӯкони пиво ҳаст ва иштирокдор баробари ба дӯкон омадан як кружка пиво нӯшиданаш ва дар ин бора қайди махсуси дӯкондорро гирифтанаш ҳам лозим аст.

Аз ӯҳдаи ин вазифа Чон Рости 37-сола бомуваффақият баромад. Ӯ ба марра аввалин шуда расида омад. Дар айни замон маълум гардид, ки ӯ аз ҳар дӯкон на як, балки ду кружкаи пиво нӯшида будааст. Аз ҳамин сабаб маст буд ва ҳуҷо кормандони хизмати бехатарӣ то маъвояш бурда монданд. Мукофот рӯзи дигар ба ғолиб супурда шуд. Акнун вай як соли расо аз пивои ширкати «Грейт-Ҳарвуд» ройгон истеъмол мекунад.

Коғази махсус

Владимир Крилови новгородӣ ду сол муқаддам донишкадаи технологияи кимёро хатм намуда, ба кор шурӯъ карда буд. Акнун бошад, номи ҳуҷо дар саросари ҷаҳон медонанд. Чунки ин ҷавони 24-сола коғазеро ихтироъ намудааст, ки ба озуқаворӣ таъин гардидааст. Баробари коғазпеч гардидани маҳсулот ранги он тағйир меёбад. Агар сифати маҳсулот акнун вайрон шуда бошад, дар он сурат ранги вай ҷигарӣ мегардад. Агар сифаташ тамоман бад бошад, дар он сурат ранги коғаз сурх мегардад.

Алҳол Владимир дар болои сарпӯшҳои пиво кор мебарад. Ба фикри вай агар сифати пиво вайрон гардад, дар он сурат ранги сарпушҳо ҳам бояд тағйир ёбанд. Ва ин кор бахри манфиати ҳифзи истеъмолгарон карда мешавад.

«Қаҳвахона» ба майзадагон

Дар Владивосток барои майзадагон барои даво бахшидани «дарди сари» пагоҳӣ қаҳвахонаи махсус дари худро боз намуд. Мизоҷан аз ин чаҳор рӯз сад грамм машрубот ва як коса шӯрборо ройгон рӯшидану тановул карданашон мумкин аст. Ба шӯрбо ҳамроҳ карда додани карам, бодиринг шӯҳрати қаҳвахонаро баланд бардошт.

Вале мизоҷони доимӣ мебояд корҳои майда-чуйдаи қаҳвахонаро ба иҷро расонанд. Чунки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ҳар як тин дар ҳисобу китоб мебошад ва шӯъбаи шуғли аҳолӣ аз он миннатдор аст, ки ба корхонаву ташкилотҳо маҳз аз ҳамин қаҳвахона қувваи корӣ арзон сафарбар карда мешавад.

Фил ҳам асаб дорад

Ҳарчанд пӯсти филҳо ғафс бошад ҳам, асабашон ниҳоят таранг мешудааст. Инро ба қарибӣ аҳолии шаҳри Алюсаи Ҳиндустон бо чашмони хеш муоина карданд.

Ду нафар филҳоро ҳамроҳи худ мебурданд. Ронандае ноэҳтиётӣ намуда, яке аз соҳиби филро оҳиста зад. Фил ин ҳолатро дида, фиғон бардошт. Чизи рост омадаашро шикастан гирифт. Дар як дам ду мошини сабукрав мачақ гардид, чанд симчӯби барқӣ аз ҷояш паррид.

Духтурони ҳайвонот ба мақсади ором кардани асаби фил ба вай тири дорудорро парронданд. Вале таъсир накард. Фил ҳамоно вайронкорӣ мекард. Духтурон мачбур шуданд, ки поруи хобро истифода баранд. Баъд фил ба хоб рафту ӯро бо кӯмаки кран ба мошин бор карда, ба манзилаш фиристоданд.

Ҳасиби силоҳмонанд

Яке аз ронандагон ба полисаи Берлин занг зада хабар дод, ки дар мошини вай се шахси шубҳанок менишинанду шояд ҳамроҳи худ силоҳ мебаранд. Дар як дам полисаи шаҳр ба по хест. Аксар мошинҳо боздошта, аз муоина гузаштанд. Ва ниҳоят ронандае, ки занг зада буд, бо мошинаш дар назди дастаи полисачиён қарор гирифт ва ронанда «ҳамроҳони» худро ба онҳо супурд.

Ҳангоми муоинаи мошин ва молу мулки мусофирон маълум гардид, ки онҳо ҳасибҳоро ба бозор мебурдааанду аз ҷиҳати сохт онҳо ба силоҳи оташфишон монанд будаанд.

Мукофот барои зарар ба табиат

Муҳофизатгарони табиати Лаҳистон аз рӯи натиҷаҳои соли 2002 қарор доданд, ки мукофотро бо унвони «Вайронкунандаи табиат» ба се амалдор супоранд. Онҳо бургомистри шаҳри курортии ҷанубии мамлакат Закопол-Пётр Бонк, директори идораи давлатии роҳи оҳани Лаҳистон Анджей Лашик ва директори мамнӯъгоҳи миллии табиӣ Татрах Павей мебошанд. Ва шахсони мазкур барои ҳиссагузориамон дар бобати вайрон кардани табиат ба ин мукофот муносиб дониста шудаанд. Масалан, Л.Павей дар бобати кам шудани микдори сайёҳон ба хиёбони миллии табиат айбдор ҳисобида шудааст.

Аз андоз ҷои гурез нест

Футболбози машҳури булғорӣ Христо Стойчков, ки дар миёнаи солҳои 90-ум дар тими «Барселона»-и Испониё ҳунарнамоӣ кардааст, дар бобати надодани андоз айбдор карда мешавад. Қарздории футболбози машҳур, ки алҳол дар яке аз тимҳои ИМА бозӣ мекунад, 68 ҳазор леви булғорӣ, яъне 40 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Агар вай ин миқдор андозро дар бадали ду моҳ насупорад, дар он сурат ба маҳкамаи суд кашида мешавад.

Пешгӯӣ ба даҳсолаи наздик

Электроника, ки асосан онро технологияи кремнивӣ ташкил медиҳад, дар тӯли даҳ соли наздик бо суръати баланд инкишоф меёбад. Дар ин бора доктор Гордон Мур— яке аз сарварони ширкати машҳури ин соҳа хабар дод.

Ба фикри вай техникаи электронӣ дар ҳар ду сол нав гардида, мавқеи худро дар даҳ соли наздик аз даст намедиҳад. Ба фикри вай муҳандисон дар солҳои наздик бо муаммоҳое рӯ ба рӯ мегарданд, ки ҳаллу фасли онҳо қарордодҳои инноватсиониро тақозо менамоянд.

(Аз рӯи хабарҳои Интернет ва воситаҳои ахбори оммавӣ тарҷума ва таҳия гардидааст).

Ба ҷои табрик

Пайвандгари дилҳо

Адибу хабарнигори кӯҳансол — Назармат (Эгамназаров) соли 1917 дида ба дунё кушуда, роҳи ноҳамвори ҳаёту иҷодро паси сар намудааст. Овони мактабхониаш дар зодгоҳ гузашт. Бародараш — Аширмат, ки ҳар ду дар Тоҷикистон таваллуд ёфтаанд, шоир буд. Машҳои аввалини Назармат зери таҳрири ӯ ба дасти чоп расиданд. Соли 1941 баъди хатми факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба ҷанг рафт. Сари синнашро ордену медалҳои ҷангӣ оро медиҳанд.

Баъди ҷанг соли 1947 ба ватан баргашт. Силоҳро боз ба қалам иваз намуд. Чавлонгоҳаш ин бор матбуоти даврӣ буд. Беш аз 30 китоби шеърию насрӣ ба хонандагон тақдим кард.

Имрӯз раиси шӯрои собиқадорони ҷанги Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон аст. Бобокалони оилаи бузургест. Ба гирифтани ордени «Эл — юрт ҳурмати», медали «Ҷасорат» ва Нишони Мустақилӣ шарафёб гардидааст. Дӯстии халқҳо яке аз мавзӯъҳои умдаи ашъори ӯст. Бо хеле адибони кӯҳансол ва нисбатан ҷавони тоҷик риштаи дӯстӣ пайвастааст.

Ҳар боре, ки ба Тоҷикистон равад, бо дӯстонаш мулоқот меорояд.

Ҳоло ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш шеъри «Дилнома» - и ӯро ба хонандагони рӯзнома пешниҳод намуда, барояш сиҳҳатии бардавом ва комёбиҳои эҷодӣ таманно менамоем.

НАЗАРМАТ

Дилнома

Ёди Самарқанд аст,
Айнии хушманд аст.
Дар дили шогирдашон,
Меҳр бувад парфишон.

Доштаам бас азиз,
Шеъри хуби Мирзо.[1]
Дӯсти Аширмат буд ӯ,
Шоири дастонсаро.

Боз Раҳим[2] менамуд,
Оғӯши дил бар Ғафур. [3]
Аз қудуми улфаташ,
Буд утоқаш банур.

Раҳбари аҳли қалам,
Буд Қаноат [4], дилаш
Пур - пури амвоҷ буд,
Аҳли сухан қоилаш.

Лоиқ[5] даврон бигуфт,
Дар назарӣ, ай Назар.
Аз лаби килкаш на шеър,
Рехтӣ дуру гуҳар.

Ҳоҷии Содиқ буд,
Ҳачвнавис як адиб.
Монд аз ӯ ёдгор,
Чанд асари дилфиреб.

Ҳамсабақи мо Ҳабиб[6],
Шоири меҳанпараст.
Буд далеру шуҷоъ
Дошт рӯҳи бешикаст.[7]

Будаам бо Ҳоҷӣ — дӯст,
Дар Крими нозанин.
Улфати дилчӯй ӯст,
Шоири меҳнатқарин.[8]

Хомаи Ӯлмас бирехт,
Бас шакару шири ноб.
Тоҷикиаш моҳ аст,
Ӯзбекиаш офтоб.

Тарҷума аз ӯзбекӣ

1. Мирзо — мирзо Турсунзода

2. Раҳим — Раҳим Ҷалил

3.Ғафур — Ғафур Ғулом

4. Қаноат — Мӯъми Қаноат

5. Лоиқ — Лоиқ Шераліӣ

6. Ҳабиби — Ҳабиб Юсуфӣ

7. Ҳоҷӣ — Бобо Ҳоҷӣ

8. Ӯлмас — Ӯлмас Ҷамол.

Мошинсозони навоигӣ

Комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ ба таркиби Консерни давлатии «Қизилқумнодирметаллолтин» шомил аст. Дар ин ҷо корҳо оид ба дарёфти уран, маъданҳои нодир, аз қабили тилло, ҷустуҷӯву истеҳсоли фосфорит ба иҷро расонда мешаванд. Баробари ин дар доираи консерн фаъолият оид ба заргарӣ, кешбофӣ ва истеҳсоли маҳсулоти бофандагӣ, мошинсозӣ ва техникаи маишӣ ба роҳ монда шудааст. Азбаски ба маҳсули дасти коркунон талаб бисёр аст, ба тез-тез иваз кардани асбобу ускунаҳои замонавӣ диккату эътибори калон дода мешавад.

Ба таркиби комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ панҷ кон шомил аст, ки дар вилоятҳои ҷумҳурият ҷойгир шудаанд. Минҷумла иттиҳодияи «Заводи мошинсозии Навоӣ» ва раёсати бинокории Зарафшон.

Иттиҳодияи заводи мошинсозии Навоӣ корхонаи калонест, ки сол то сол комёбиҳои калонро ба даст оварда, қуллаҳои нав ба нави меҳнатиро фатҳ мекунад. Дар ин ҷо алҳол чор корхонаи истеҳсолӣ ва ёздаҳ сех фаъолият пеш бурда, ҳариб се ҳазор нафар ҷавонписарону духтарони навоигиро бо шуғли доимӣ фаро гирифтааст. Дар заводи мазкур, ки онро одатан иттиҳодияи истеҳсолӣ ҳам меғӯянд, дар давоми соле 12-13 миллиард сӯм маҳсулот тайёр карда мешавад.

Алҳол аҳли иттиҳодия аз паи фатҳи қуллаҳои нав ба нави меҳнатӣ гардида, ба ояндаи дурахшон дилпурона қадам мепартояд. Бо асбобу ускуна, техника ва технологияи пешқадам чиҳозонидани истеҳсолот ба мадди аввал гузошта шудааст.

Дар сурат: *ҷонишини сарвари сехи асбобсозӣ* ***Ӯктам Турсунов*** *ва харрот* ***Туйчӣ Раҳмонов*** *дар сари кор.*

Матн ва сурати Собир ЗУФАРОВ (ӮзА).

«Умид ниҳоллари—2003»

Натиҷаҳои баланд

Бозиҳои варзишии мактабхононии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Умид ниҳоллари» ба марҳилаи ҳалкунандаи худ расид, ки дар вилояти Хоразм ба амал омада, ба натиҷаҳои баланд саршор мебошад. Чунки дар он ғолибони марҳалаҳои байнимактабӣ, ноҳиявӣ ва вилоятии мусобиқаҳо иштирок мекунанд, ки намояндагони беш аз шаш миллион нафар мактабхонон—варзишгарон буда, аз рӯи дувоздаҳ намуди варзиш қувва меозмоянд. 2600 нафар варзишгари мактабҳон дар амал ба чӣ қадир будани худро намоиш медиҳад. Ва онҳо намояндагони Ҷумҳурияти Қарақалпоқистон, тамоми вилоятҳо ва шаҳри Тошканд буда, аз ҷиҳати миқдор нисбати аввалин мусобиқае, ки таҳти ҳамин унвон соли гузашта дар Фарғона ба амал омад, якуним баробар зиёд мебошад. Ва онро пеш аз ҳама шарофати мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон соҳмон додани Бунёди рушди варзиши бачагона дар мамлакатамон меҳисобанд. Мактабхонон дар 17 варзишгоҳи мухталиф қувва озмуда, натиҷаҳои баландро қайд мекунанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар доираи бозиҳо на танҳо мусобиқаҳои аз рӯи намудҳои мухталифи варзиш ба амал меоянд, балки барои хотирмону дар дили мактабхонон сахт маъво пайдо кардани он гамхорӣ ҳам зоҳир намуданд. Аз он ҷумла иштирокдорон ва меҳмононӣ бозиҳо бо ёдгориҳои таъриҳиву меъморӣ, мукаддасҷойҳои вилоят ошно гардиданд. Ба шаҳрҳои Урганҷ, ноҳияҳои Хазорасп, Янгибозор, Хонқо, Боғот, Шовот саёҳатҳо ташкил гардиданд. Ба хонандагони мактабхони вилояти Хоразм воҳӯриҳо ба амал омаданд. Вақти фориғ аз мусобиқаҳо барои бофарогат гузаштани вақти онҳо низ як қатор тадбирҳо ҷомаи амал пӯшонда шуданд. Ҷамоаи Театри вилоятӣ ба номи Огаҳӣ, Театри лӯхтаки вилоят, муҳассилини омӯзишгоҳи таълими мусиқӣ, гимназияи санъат, дастаҳои ҳунарии мактабҳои вилоят ба ҳукми варзишгарони ҷавонмеҳмонон барномаҳои рангоранги консертии худро пешкаш кардаанду аз дурдонаҳои саньати қадимаи ин воҳа хабардор сохтанд.

Дар доираи бозиҳо муаррифии чанд муассисаи нав, аз он ҷумла коллеҷи касбу ҳунари захираҳои олимпии Урганҷ ба амал омад. Муассисаи мазкури таълимӣ дар самти ғарбии шаҳр дар муддати ҳариб як сол қад бардошт. Дар 20 гектар майдони он мачмӯи таълимӣ ва корпуси лабораторӣ, варзишгоҳи дорои 5 ҳазор ҷои нишаст, ҳавзи шиноварии тобистонаву зимистона, машқгоҳҳо барои курашу муштзанӣ, корти тенниси болопӯшида, дигар иншоотҳои варзишӣ ҷо пайдо кардаанд. Дар он ҷавонписарону духтарон метавонанд бо 20 намуди варзиш машғул гарданд. Ва теъдоди муҳассилин нисбати пешбинигардида ду баробар зиёд 1050 -нафар гардид. Маркази замонавии гимнастикаи варзишӣ, ки як сол дар шафати он сохта шуда буд, ба таркиби коллеҷ шомил гардида, бо ҳамин доираи машғулиятҳоро васеъ гардонд.

Дар маросими муаррифии он зикр гардид, ки қад кашидани чунин иншоотҳои муқтадир мисоли равшан аз ғамхорӣ ва диккату эътибори доимиву мушаххаси давлату шахсан Президент Ислом Каримов дар борои тарбияи авлоди навраси солиму баркамолу аз ҷиҳати маънавиву чисмонӣ пуркувват мебошад.

Алкисса, бозиҳои варзишии мактабхонони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Умид ниҳоллари» пеш аз ҳама бо натиҷаҳои баланди худ, пуршиддату ба даст овардани рекордҳои нав ба нав фарқ мекунад ва боварӣ ҳаст, ки он дар китоби варзиши бачагонаи ҷумҳурият саҳифаи навро боз мекунад.

(ӮзА).

Ҷамоаи «Овози тоҷик» ба мухбири фаъоли ҷамоатии худ Файз Маҳмудов нисбати вафоти

падараш

ҳамдардӣ баён карда, аз Худои мутаъол сабри ҷамил металабад.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст.
Тартиби номнависшуда № 16. Г - 397
Теъдоди чоп 2000. 1 2 3 4 5 6

Ҳисоби сурати мо дар бонк:
Х/С 20212000800101767001,
МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **М. ОТАХОНЗОДА**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М.
ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Х. ТУХТАЕВА.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.